«ЁРИИ ТАЪҶИЛӢ» ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ с. 8
ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ ДАР ВКД с. 2
АФВИ МОДАРЕ, КИ БА МАРГИ ФАРЗАНД ГУМОНБАР БУД с. 5



# ТОҶИКИСТОН

№ 32 (1696), 12.08.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992




## ДАР ИН ШУМОРА:

**РУСИЯ**
Марги муҳоҷири тоҷик дар ҳамлаи Украина с.4

**АНДОЗ**
барои нақлиёт боло рафт с.5

**УБАЙД ОКИМБЕКОВ**
Нуфузе, ки аз дониш сарчашма мегирад с.7

**«ИСТИҚЛОЛ»**
Сармураббӣ корти сурх гирифт с.14

**АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ**
35 соли созандагӣ ва рушд с.10

**МУҲОҶИР**
Патент бекор мешавад, агар... с.5

**ХАТЛОН**
Бунёди 341 иншооти соҳаи маориф с.5

**ВАРЗИШ**
8 нишони тилои муштзанҳои тоҷик с.14

PRESSA.TJ
БОХАБАР АЗ ГАПИ ҶАҲОН БОШ!

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Матлубахон САТТОРИЁН,**
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шералӣ КАБИР,**
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,**
президенти АМИТ, академик

**Муҷибахон ЧАВҲАРӢ,**
раиси Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дилбар ОДИЛЗОДА,**
муовини раиси шаҳри Душанбе

**Заробиддин ҚОСИМӢ,**
Сардори хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

**Носирҷон САЛИМӢ,**
академик

**Гулсифат ШАҲИДӢ,**
нависанда

**Рафоэл НЕКТАЛОВ,**
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муҳаррири сомонаи pressa.tj

**Фирдавс САТТОРОВ,**
саҳифабанд

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома маводе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маводи ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводи шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва сифати рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
918-66-82-64,
221-41-11

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.


# ПЕШГИРӢ АЗ ВОРИДОТИ ГӮШТИ ХУК АЗ ЧИН БА ТОҶИКИСТОН

**Мақомоти гумруки вилояти Суғд аз воридоти ғайриқонунии 1 тоннаву 70 кило гӯшти хук аз Чин ба Тоҷикистон пешгирӣ кардаанд.**

Ин миқдор маҳсулоти гӯштӣ моҳи апрели соли равон аз ҷониби шаҳрвандони Чин ба таври пинҳонӣ ворид карда шудааст.

Дар ин бора Эраҷ Давлатов, масъули Раёсати минтақавии гумрук дар вилояти Суғд 11-уми август зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

Ба гуфтаи ӯ, шаҳрвандони Чин кӯшиш кардаанд, ки 1070 килограмм гӯшти пастсифати хукро дар шакли шӯркардашуда дар дохили қуттиҳои молу маҳсулоти ниёзи мардум пинҳон карда, ба вилояти Суғд ворид намоянд. «Мол тариқи мошини боркаш тавассути гузаргоҳи Фотеҳободи ноҳияи Мастчоҳ ворид гардида, дар минтақаи назорати гумрукӣ, яъне дидбонгоҳи гумрукии шаҳри Хуҷанд мавриди муоинаи гумрукӣ қарор гирифт. Дар натиҷа 1070 килограмм маҳсулоти пастсифати гӯшти хук ошкор карда шуд»,- гуфт Эраҷ Давлатов.

Ба иттилои масъули Раёсати минтақавии гумрук, вобаста ба ин ҳолат бо гумони интиқоли маҳсулоте, ки ба талаботи бехатарӣ ҷавобгӯ нест, тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардидааст.

# ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ ДАР ВКД

**11-уми август дар сохторҳои Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон тағйироти кадрӣ сурат гирифт.**

Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Машрабзода Ҷамшед муовини вазири корҳои дохилӣ ва Азиззода Абдусаттор намояндаи ваколатдор дар Бюрои ҳамоҳангсозии мубориза алайҳи ҷиноятҳои муташаккилона ва дигар намудҳои ҷиноятҳои хатарнок дар ҳудуди давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таъин гардиданд.

Ҳамчунин:

- *генерал-майори милитсия* **Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ** ба вазифаи *роҳбари Дастгоҳи вазири корҳои дохилӣ;*
- *полковники милитсия* **Вализода Илҳомиддин Сироҷиддин** ба вазифаи *сардори Раёсати ВКД дар минтақа ва ноҳияи Рашт;*
- *генерал-майори милитсия* **Фатозода Абдусатор Абдуқаҳор** ба вазифаи *роҳбари намояндагии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия;*
- *капитани милитсия* **Мирзоахмедов Фарех Фахриддинович** ба вазифаи *сардори Раёсати инноватсия ва технологияҳои рақамии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон;*
- *полковники милитсия* **Саидзода Шуҳрат Холмаҳмад** ба вазифаи *намояндаги ваколатдори Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Марказ минтақавии ҳамоҳангсози иттилоотии Осиёи Марказӣ оид ба мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва прекурсорҳо;*
- *полковники милитсия* Қаҳҳорӣ Ҳабиб Абдураҳим ба вазифаи *муовини аввали сардори Раёсати кофтукови ҷиноятии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон;*
- *полковники милитсия* **Салимбойзода Довар Салимбой** ба вазифаи *сардори Раёсати ҳамкориҳои байналмилалии ВКД;*
- *подполковники милитсия* **Ғафурзода Ахлиддин Махмадраҷаб** ба вазифаи *сардори ШВКД №1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе;*

**(Давомаш дар саҳ. 14)**




# МАҶМААИ ДУОИ МОДАР ДАР ҲИСОР ИФТИТОҲ ШУД

**11-уми августи соли равон бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи Камоли Хуҷандии шаҳраки Ҳисор гулгашти навбунёди Дуои модар мавриди истифода қарор дода шуд.**

Бино ба иттилои дафтари матбуоти Сарвари давлат, иншооти мазкур бо мақсади фароҳам овардани муҳити созгор барои истироҳату фароғати сокинон бунёд гардида, ба яке аз мавзеъҳои зебову дилнишини маҳалла табдил ёфтааст.

Гулгашти Дуои модар дорои муҳити сабзу хуррам буда, дар ҳудуди он гулҳои рангоранг, дарахтони сояафкан ва дигар навъҳои растаниҳои ороишӣ шинонида шудаанд. Ҷароғонкунии гулгашт низ ба симои он ҳусни тоза бахшида, шароити мусоидро барои сайругашт ва истироҳати сокинон фароҳам овардааст.

Дар маркази он муҷассамаи модар қомат афрохта, ифодагари эҳтироми самимӣ ба бузургтарин сарчашмаи меҳру муҳаббат - модар мебошад.

# САРИ САБЗ



**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шурои уламо

**- Ҳоло писараш синфи 11-ро тамом кардааст, накардааст, муҳоҷирати меҳнатӣ равон мекунад. Баъд як бор намегӯяд, ки “бачам чӣ ҳол дорӣ? Кӣ рафиқат аст? Дӯстат кӣ аст?...”. Умуман намепурсанд. Сум (маблағ) равон кун, сум равон кун, сум равон кун, сум равон кун, тамом.**

*- Ин як ҳолати маъмулист. Илоҷ нест. Худо кунад, ки дар ватан ҷойҳои кори хуб бо маоши баланд зиёд шаванд. Он вақт саволҳову ибораҳои ҷида-ҷидаи шумо дар мавриди маблағ фиристодан аз садо додан бозмемонанд.*



**Иршод СУЛАЙМОНӢ,**
рӯзноманигори тоҷик

**- Баъзе ниҳодҳо ҳанӯз ҳам 20-30 дақиқаро сарфи хондани варақаи матбуотӣ мекунанд, ҳол он ки матни он пешакӣ дар сомонаҳояшон гузошта ва нусхаи чопиаш низ ба хабарнигорон дода мешавад. Бурди ягонаи ин нишастҳо танҳо дар он аст, ки баргузор мешаванд.**

*- Коре мекунед, ки хабарнигорон аз ҳамин ягона бурд ҳам маҳрум мешаванд-дия! Бо ин нуқтаи назаратон ба даҳони масъулони ҳамон баъзе ниҳодҳо, ки дар бораи зарурат надоштани хондани варақаи матбуотӣ фикр накардаанд, калима меандозед.*



**Умедҷони БУРҲОН,**
сароянда сохибистеъдод

**- Асбобҳоро ҳомӯш карда будем, ки як марде беморнамо наздам омад, хеле зорӣ кард, ки боз як суруди дигар хонам. Дубора ба кор даровардани асбобҳо вақти зиёд мегирифт. Танҳо бо як навои доира зери мавҷи кафкӯбиҳои мардум ба таври зинда як суруди халқӣ хондам.**

*- Ана ҳамин хел тасодуфҳо бояд дар ҷараёни фаъолияти сарояндаҳо зиёдтар ба миён оянд. Боз, агар ҳамин хел мардони беморнамо дар оғози базм пайдо шаванд, нуран алонур мешавад.*




# «БОХТАР» АЗ ТОҶИКИСТОН ГАЗ МЕЁБАД?

**ТОҶИКИСТОН НИЯТ ДОРАД АВВАЛИ СОЛИ 2027 ДАР ДОИРАИ ЛОИҲАИ «БОХТАР» БА ПАРМАКУНИИ НАХУСТИН ЧОҲИ АМИҚИ ҶУСТУҶӮӢ БАРОИ ДАРЁФТИ НАФТУ ГАЗ ОҒОЗ КУНАД. ЧУҚУРИИ ЭҲТИМОЛИИ ОН МЕТАВОНАД ТО 7 ҲАЗОР МЕТР РАСАД. КОРҲО ДАР ҲАМКОРӢ БО КОРПОРАТСИЯИ МИЛЛИИ НАФТУ ГАЗИ ЧИН - CNPC АНҶОМ МЕШАВАНД.**

## ЛОИҲАИ “БОХТАР”

Ба иттилои Вазорати энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон, арзёбии геологии захираҳои ояндадори нафту газ дар доираи лоиҳаи «Бохтар» ба анҷом наздик шудааст. Пас аз ҷамъбасти корҳои геологӣ ва коркарди натиҷаҳои иктишофи сейсмикӣ нуқтаи ниҳоии пармакунӣ интихоб хоҳад шуд.

Лоиҳаи «Бохтар» бар асоси созишномаи тақсими маҳсулот байни Ҳукумати Тоҷикистон ва ширкати «CNPC Central Asia B.V.» амалӣ мешавад. Ҳадафи он омӯзиши геологии минтақаҳои ҷанубу ғарби кишвар, муайян кардани сохторҳои дорои иқтидори саноатӣ, интихоби нуқтаи чоҳи ҷустуҷӯӣ ва эҳтимоли кашфи конҳои нави нафту газ мебошад.

## АЗ ИКТИШОФ ТО ПАРМАКУНӢ

CNPC корҳои геологию геофизикиро дар доираи лоиҳа соли 2024 оғоз кардааст. Дар марҳилаи аввал иктишофи магнитӣ ва гравитатсионӣ дар масоҳати 15,4 ҳазор километри мураббаъ анҷом дода шуд. Арзиши ин корҳо 7,4 миллион долларро ташкил додааст.

Моҳи июни соли 2025 марҳилаи навбатӣ - иктишофи сейсмикии 2D ба масофаи 1017 километр оғоз шуд. Ҳадафи он муайян кардани нуқтаҳои бештар умедбахш барои пармакунӣ мебошад.

Тибқи маълумоти Вазорати энергетика, дар нимсолаи аввали соли 2026 CNPC коркард ва тафсири маълумоти саҳроиро ба анҷом мерасонд. Масоҳати умумии минтақаи омӯзишӣ тақрибан 36 ҳазор километри мураббаъ арзёбӣ мешавад. Яке аз ҳадафҳои асосӣ омӯзиши сохторҳои хеле амиқи зери қабатҳои намак аст.

Илҳом Оймуҳаммадзода, сардори Саридораи геология қаблан гуфта буд, ки чуқурии тахминии чоҳи оянда метавонад ба 7 ҳазор метр бирасад. Вале ба таъкиди ӯ, ҳоло дар бораи мавҷудияти захираҳои бузурги нафту газ ҳарф задан барвақт аст. Ҳаҷми воқеии захираҳо танҳо баъд аз пармакунии чоҳи ҷустуҷӯӣ маълум хоҳад шуд.

## ИСТЕҲСОЛИ ДОХИЛӢ ҲАНӮЗ КАМ АСТ

Ҳоло дар Тоҷикистон 13 корхона барои истихроҷи нафту газ иҷозатнома доранд, аммо танҳо шаштои онҳо фаъолият мекунанд. Норасоии сармоягузорӣ, кӯҳна будани технологияҳо ва истифодаи кону чоҳҳои аз асри гузашта боқимонда аз мушкилоти асосии соҳа арзёбӣ мешаванд.

Бо ин вуҷуд, дар шаш моҳи аввали соли 2026 истихроҷи дохилӣ андаке афзудааст. Дар кишвар 10,01 ҳазор тонна нафт истеҳсол шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 9,3 дарсад зиёд мебошад. Истихроҷи гази табиӣ ба 355 ҳазор метри мукааб расида, 1,7 баробар афзудааст.

Аммо вобастагии Тоҷикистон аз воридоти сӯзишворӣ ҳанӯз хеле баланд аст. Дар нимсолаи аввали соли равон ба кишвар 922,8 ҳазор тонна маҳсулоти нафтӣ ва гази моеъ ворид шудааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли гузашта 11 дарсад бештар аст. Ҳамчунин аз Ӯзбекистон 126,377 миллион метри мукааб гази табиӣ ворид гардидааст.

Аз ин рӯ, кашфи захираҳои саноатии нафту газ метавонад дар оянда барои кам кардани вобастагӣ аз воридот аҳаммияти ҷиддӣ дошта бошад.

## ЛОИҲАЕ БО ТАЪРИХИ ТӮЛОНӢ

Лоиҳаи «Бохтар» ҳанӯз соли 2008 оғоз шуда буд. Он замон Ҳукумати Тоҷикистон бо ширкати «Kulob Petroleum Limited», вобаста ба ширкати канадагии «Tethys Petroleum», созишномаи тақсими маҳсулотро имзо кард.

Соли 2012 захираҳои дурнамои минтақа хеле баланд арзёбӣ шуданд: тақрибан 3,22 триллион метри мукааб газ ва 8,5 миллиард баррел нафт. Аммо ин танҳо захираҳои пешгӯишаванда буданд ва ҳеҷ гоҳ ҳамчун захираи тасдиқшуда эътироф нашудаанд.

Соли 2013 CNPC ва ширкати фаронсавии «Total» ба лоиҳа ҳамроҳ шуданд. Баъдан «Tethys» аз лоиҳа хориҷ шуд ва соли 2024 парлумони Тоҷикистон интиқоли саҳми «TotalEnergies»-ро ба CNPC тасдиқ кард.

Ҳоло CNPC ягона иштирокчии хориҷии лоиҳа аст. Агар пармакунии чоҳи амиқи соли 2027 натиҷаи мусбат диҳад, он метавонад марҳилаи нави рушди соҳаи нафту гази Тоҷикистонро оғоз бахшад.

**Д. ҚОДИРПУР**

---

*Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Давоми шаш моҳи соли 2026 дар ноҳияи Рӯдакӣ 203 корхонаи саноатӣ фаъолият намуда, ба маблағи 486 миллиону 996,8 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд.**



Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2025-ум 129 миллиону 834,9 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Дар ин бора 11-уми август зимни нишасти матбуотӣ **Нусратулло Салимзода**, раиси ноҳияи Рӯдакӣ ба хабарнигорон иттилоъ дод. Ҳамчунин, раиси ноҳия хабар дод, ки бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Рӯдакӣ бунёду навсозии 369 иншоот ба нақша гирифта шудааст.

**11-уми август дар шаҳри Панҷакент нишасти матбуотии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр баргузор гардид. Зимни нишаст раиси шаҳри Панҷакент Абдухолиқ Холиқзода ба суолҳои намояндагони ВАО посух дод.**



Саволҳо асосан ба рафти бунёди майдону гулгашти Абулқосим Фирдавсӣ, сохтмони биноҳои баландошёна, таъмири роҳу пулҳо, таъминоти барқ, танзими нархҳо, беҳдошти вазъи санитарӣ, фаъолияти нақлиёти мусофиркашонӣ, риояи қоидаҳои забони адабии тоҷикӣ дар лавҳаю овезаҳо ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ марбут буданд.

**Дар ноҳияи Шаҳритус нақша доранд, ки то моҳи сентябри соли равон 30 километр роҳи мошингарди маҳаллиро мумфарш кунанд. Дар ин бора зимни нишасти матбуотии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия иттилоъ дода шуд.**



**Тағой Абдуллозода**, раиси ноҳияи Шаҳритус гуфт, ки то имрӯз наздики 3 километр роҳ пурра мумфарш гардидааст ва дар муҳлати боқимонда боз 27 километр роҳи маҳаллӣ навсозӣ хоҳад шуд. Ба гуфтаи ӯ, беҳтар намудани ҳолати роҳҳои аҳаммияти маҳаллидошта бо дастгирии мақомоти маҳаллӣ ва саҳми соҳибкорону сокинон амалӣ мегардад.

# ҲАМЛА БА НИЖНЕКАМЕНСК

## Як тоҷикистонӣ кушта, ду нафар захмӣ шуданд

**«ДАР ПАЙИ ҲАМЛАИ ПАҲПОДӢ БА ШАҲРИ НИЖНЕКАМСКИ ҶУМҲУРИИ ТОТОРИСТОНИ РУСИЯ ЯК ШАҲРВАНДИ ТОҶИКИСТОН ҶОН БОХТА, ДУ ШАҲРВАНДИ ДИГАРИ КИШВАР ЗАХМӢ ШУДААНД. ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН МЕГӮЯД, КИ ҲАР ДУ ЗАХМӢ ДАР БЕМОРИСТОН ҚАРОР ДОРАНД ВА КОНСУЛГАРИИ ГЕНЕРАЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР УФА ВАЗЪИ ОНҲОРО ПАЙГИРӢ МЕКУНАД.**



Аз Вазорати корҳои хориҷӣ гуфтаанд, ки Консулгарии генералии Тоҷикистон дар шаҳри Уфа бо сохторҳои дахлдори Тоҷикистону Русия дар тамоси доимӣ аст. Ба намояндагиҳои Тоҷикистон дастур дода шудааст, ки вазъи саломатии захмиён ва дар маҷмуъ ҳолати шаҳрвандони кишварро зери назорат гиранд. Ному насаби захмиён эълон нашудааст.

### РАМАЗОНАЛӢ БАСИРОВ КӢ БУД?

Шаҳрванди Тоҷикистон, ки дар ҳамла ҷон бохт, Рамазоналӣ Басирови 30-сола, сокини ҷамоати Овчӣ-Қалъачаи ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд будааст. Ба гуфтаи наздиконаш, ӯ солҳои охир ба ҳайси ронандаи мошини борбардор ё кран кор мекард. Радиои Озодӣ бо такя ба намояндаи ҷомеаи тоҷикон дар Нижнекамск навиштааст, ки Басиров тақрибан як моҳ пеш барои кор ба Русия рафта, дар ширкати туркии «Ямата» фаъолият дошт. Ин ширкат дар Нижнекамск ба сохтмони корхонаи кимиёӣ машғул будааст.

Ба иттилои наздикони Рамазоналӣ, ӯ соҳиби се фарзанд буд. Ҷасадаш барои интиқол ба Тоҷикистон омода мешавад. Намояндаи ҷомеаи тоҷикон гуфтааст, ки ширкати корфармо ва мақомоти Торористон ваъда додаанд хароҷоти интиқоли ҷасадро пардохт ва ба хонаводаи ӯ кумакпулӣ ҷудо кунанд. Мақомоти маҳаллӣ барои оилаҳои ҳалокшудагон 2 миллион рубл ва барои маҷруҳон вобаста ба вазъи саломатӣ аз 300 то 600 ҳазор рубл ҷубронпулӣ пешбинӣ кардаанд.

### 13 НАФАР ҶОН БОХТААНД

Ҳамлаи густурдаи паҳподӣ ба Нижнекамск шаби 9 ба 10-уми август сурат гирифт. Тибқи охирин маълумоти мақомоти Торористон, 13 нафар, аз ҷумла як кӯдак ҷон бохта, шумораи онҳое, ки барои ёрии тиббӣ муроҷиат кардаанд, ба 78 нафар расидааст. Аз онҳо 25 нафар бистарӣ шудаанд.

Мақомоти Русия мегӯянд, ки паҳподҳо ба бахшҳои саноатӣ ва маҳалҳои зисти Нижнекамск зарба задаанд ва Кумитаи тафтишоти Русия дар робита ба ҳодиса бо моддаи марбут ба терроризм парвандаи ҷиноятӣ боз кардааст.

# «ПАНТЕНТ»-И МУҲОҶИР БЕКОР МЕШАВАД, АГАР...

**«АЗ 10-УМИ АВГУСТ ДАР РУСИЯ НИЗОМИ НАВИ ХУДКОР БА КОР ДАРОМАД, КИ ТИБҚИ ОН ДАР СУРАТИ САРИ ВАҚТ ПАРДОХТ НАШУДАНИ МАБЛАҒИ МОҲОНАИ ИҶОЗАТНОМАИ КОР Ё “ПАТЕНТ” ИН ҲУҶҶАТ БА ТАВРИ ХУДКОР БЕЭЪТИБОР ДОНИСТА МЕШАВАД.**



Мақомоти Русия аз муҳоҷирони меҳнатӣ ва корфармоён хостаанд, ки ҳангоми пардохт маълумоти шахсиро бе хато ворид кунанд.

Вазорати корҳои дохилии Русия хабар додааст, ки шаҳрвандони хориҷие, ки дар асоси “патент” кор мекунанд, вазифадоранд маблағи онро ҳар моҳ ва пешакӣ пардохт намоянд. Дар сурати таъхир дар пардохт низоми электронӣ метавонад иҷозатномаи корро ба таври худкор аз эътибор соқит кунад. Мақомот махсусан ба дуруст ворид кардани маълумоти шахсӣ ҳангоми пардохт таъкид доранд. Ному насаби муҳоҷир, соли таваллуд ва рақами мушаххаси андозсупоранда (ИНН) бояд бе иштибоҳ навишта шавад. Ба гуфтаи Вазорати корҳои дохилии Русия, ҳатто иштибоҳ дар як ҳарф ё рақам метавонад сабаб гардад, ки пардохт ба соҳиби “патент” дуруст вобаста нашуда, иҷозатномаи кори ӯ беэътибор дониста шавад.

Дар сурати сари вақт пардохт шудани маблағ, вале беасос бекор шудани “патент” муҳоҷир метавонад бо пешниҳоди расиди пардохт ба шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар маҳали будубош муроҷиат намояд. Пас аз санҷиши маълумот иҷозатномаи кор метавонад дубора баркарор карда шавад. То ин вақт пардохти маблағи “патент” асосан тавассути санҷиши кормандони мақомоти муҳоҷират назорат мешуд. Агар муҳоҷир маблағи ҳатмиро пардохт накарда бошад ё расиди пардохтро пешниҳод карда натавонад, иҷозатномаи кори ӯ бекор карда мешуд. Акнун ин раванд тавассути низоми электронии муштараки Вазорати корҳои дохилӣ ва сохторҳои молиявии Русия назорат мешавад.

“Патент” ба шаҳрвандони хориҷӣ иҷозат медиҳад, ки дар минтақа ва соҳаи муайяни Русия расман кор кунанд. Арзиши он вобаста ба минтақа фарқ мекунад ва қариб ҳар сол боло меравад. Муҳоҷир бояд ҳар моҳ маблағи муайяншударо пешпардохт кунад. Беэътибор шудани “патент” метавонад барои муҳоҷир паёмадҳои ҷиддӣ дошта бошад. Дар чунин ҳолат фаъолияти меҳнатии ӯ ғайриқонунӣ ҳисоб шуда, метавонад ба ҷарима, ихроҷ аз Русия ва ҳатто манъи вуруд ба ин кишвар то панҷ сол оварда расонад. Тайи ду соли охир Русия сиёсати муҳоҷиратиро пайдарпай саххтар кардааст. Дар охири моҳи июл низ бастаи нави қонунҳо имзо шуд, ки талабот ба будубош ва фаъолияти меҳнатии хориҷиёнро бештар мекунад. (Дар шумораи гузашта дар ин хусус мақола нашр карда будем). Қисме аз ин тағйирот аз 1-уми январи соли 2027 ба иҷро медароянд.

*Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Дар вилояти Суғд дар шаш моҳи аввали соли равон 222 ҳолати вайрон кардани қонунгузорӣ дар мавриди танзими ҷашну маросим ошкор шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 38 ҳолат бештар мебошад.**



Дар ин бора **Илхом Худойдодзода,** сардори шуъбаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими вилояти Суғд зимни нишасти матбуотӣ хабар дод. Ба гуфтаи ӯ, дар шаш моҳи соли равон сокинони вилоят дар маҷмуъ 7407 ҷашну маросим баргузор карда, барои онҳо 65 миллиону 805,5 ҳазор сомонӣ харҷ намудаанд.

**Бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 341 иншооти соҳаи маориф ба истифода дода мешавад.**



Дар ин хусус **Зиёдулло Абдуллозода,** сардори Раёсати маорифи вилояти Хатлон иттилоъ дод. Зикр гардид, ки иншоот аз 2894 синфхона барои 69 ҳазору 456 ҷойи нишаст дар як баст ва барои 1 миллиону 389 ҳазору 12 ҷойи нишаст дар ду баст бо маблағи 1 миллиарду 213 миллиону 688 ҳазор сомонӣ иборат мебошанд. Аз шумораи умумии ин иншоот 61 иншоот бо маблағҳои буҷети давлатӣ, 159 адад бо маблағгузории Кумитаи падару модарон дар якҷоягӣ бо соҳибкорони маҳаллӣ ва 121 иншоот бо маблағгузории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта мешаванд.

**Дар шаш моҳи аввали соли 2026 дар вилояти Суғд 7156 ҷавони бекор расман ба қайд гирифта шудаанд. Ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 397 нафар камтар мебошад.**




Дар ин бора **Бахтиёр Исматзода,** сардори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Суғд зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.

Ба гуфтаи ӯ, шумораи ҷавононе, ки мақоми расмии бекорро гирифтаанд, низ коҳиш ёфтааст. Дар ҳамин ҳол, дар давраи ҳисоботӣ 4767 ҷавон бо ҷойи кор таъмин шудаанд, ки нисбат ба соли гузашта 674 нафар бештар аст.

# БОЛОРАВИИ АНДОЗ АЗ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз **17 июни соли 2026** дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

| № | Воситаи нақлиёт | Меъёри кӯҳна: | Меъёри нав: | Афзоиш 66% |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Автомашинаҳои сабукрав то 250 қ.асп | 936 сомонӣ | 1560 сомонӣ | +624 сомонӣ |
| 2 | Автомашинаҳои сабукрав 250–350 қ.асп | 1404 сомонӣ | 2340 сомонӣ | +936 сомонӣ |
| 3 | Автомашинаҳои сабукрав зиёда аз 350 қ.асп | 1872 сомонӣ | 3120 сомонӣ | +1248 сомонӣ |
| 4 | Воситаҳои нақлиёти боркаш 300 қ.асп | 1755 сомонӣ | 2925 сомонӣ | +1170 сомонӣ |
| 5 | Воситаҳои нақлиёти боркаш 400 қ.асп | 2340 сомонӣ | 3900 сомонӣ | +1560 сомонӣ |
| 6 | Внедорожникҳо то 300 қ.асп | 1638 сомонӣ | 2730 сомонӣ | +1092 сомонӣ |

Дар Тоҷикистон меъёри андоз аз воситаҳои нақлиёт боло бурда шуд. Тағйирот ба Кодекси андозии кишвар бо пешниҳоди Ҳукумат таҳия шуда, пас аз қабул дар Маҷлиси намояндагон, 16-уми июн аз ҷониби Маҷлиси миллӣ низ ҷонибдорӣ гардид ва баъдан аз ҷониби Президенти Тоҷикистон имзо шуд.

**Манбаъ:** Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 17 июни 2026

# МОДАРЕ, КИ ДАР МАРГИ ПИСАР ГУМОНЗАД БУД, АФВ ШУД

**Парвандаи Ҳикмат Шодиева, модари Искандар Маликӣ (Шафеиён), корманди собиқи МИҲД-и шаҳри Исфара, ки дар пайи марги писар, келин ва наберааш ба "дар хатар гузоштани ҳаёти наздикон" гумонбар шуда буд, бар асоси Қонун "Дар бораи афв" қатъ гардидааст.**





Дар ин бора Муаттар Абдуллозода, иҷрокунандаи вазифаи раиси Додгоҳи шаҳри Исфара 11-уми август зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.

Ба гуфтаи ӯ, қарори қатъи парванда ва озод кардани Ҳикмат Шодиева аз ҷавобгарии ҷиноятӣ 16-уми июл содир шудааст. Аммо санади додгоҳӣ ҳанӯз эътибори қонунӣ пайдо накардааст, зеро ҷониби ҷабрдида - модарарӯси Искандар Шафеиён аз болои он шикоят бурдааст. Интизор меравад, ки парванда дар марҳилаи кассатсионӣ баррасӣ шавад.

Қаблан додситон барои Ҳикмат Шодиева 6,5 соли зиндон талаб карда буд. Ӯ мутобиқи моддаи 127, қисми 3, банди "а"-и Кодекси ҷиноятӣ ба "дар хатар мондан"-и ҳаёти наздиконаш муттаҳам мешуд.

Ҳодисаи марги Искандар Шафеиён, ҳамсараш Муаттарахон Муҳаммадиева ва духтари 4-солааш Сумаяхон шаби 7 ба 8-уми декабри соли 2025 рух дода буд. Муфаттишон сабаби маргро заҳролудшавӣ аз гази карбон гуфта буданд.

Ҳикмат Шодиева, ки шаби ҳодиса дар хонаи писараш қарор дошт, ба даъват накардани "Ёрии таъҷилӣ" гумонбар шуд. Худи ӯ ин иттиҳомро рад карда, гуфта буд, ки барои наҷоти наздиконаш ҳар кори аз дасташ омадаро анҷом додааст.

Аз Искандар Шафеиён се фарзанд боқӣ мондааст. Ӯ қаблан дар мақомоти давлатии вилояти Суғд фаъолият карда, вазифаи охиринаш мудири шуъбаи ташкилӣ ва кор бо кадрҳои дастгоҳи МИҲД-и шаҳри Исфара буд. Солҳои охир ба соҳибкорӣ машғул буд.

*Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Дар шаш моҳи аввали соли 2026 дар вилояти Суғд 241 ҷинояти коррупсионӣ, иқтисодӣ ва дигар ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионӣ ошкор ва ба қайд гирифта шудааст. Ин нишондиҳанда дар ҳамин давраи соли гузашта 238 ҳолатро ташкил медод.**



Дар ин бора **Сафар Салимзода,** сардори Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод. Ба гуфтаи ӯ, аз шумораи умумии ҷиноятҳои ошкоршуда 117 ҳолат ба гурӯҳи ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин дохил мешаванд. Зарари умумӣ аз ҷиноятҳои бақайдгирифташуда 28 миллион сомонӣ арзёбӣ гардида, аз ин маблағ 17,3 миллион сомонӣ барқарор шудааст.

**Дар шаш моҳи соли равон дар вилояти Хатлон 14 ҳолати ғарқшавии сокинон сабт шудааст. Дар ин бора зимни нишасти матбуотии Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ дар вилояти Хатлон иттилоъ дода шуд.**



**Саидаҳмад Саидов,** сардори раёсати мазкур гуфт, ки бештари ҳолатҳои ғарқшавӣ дар шаҳру ноҳияҳои Левакант, Кӯшониён ва Ёвон рух додаанд. Ба гуфтаи ӯ, аз шумораи умумии ғарқшудагон часади як нафар то ҳол пайдо нашудааст. «Хушбахтона, ҳолатҳои ғарқшавӣ дар шаш моҳи соли равон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта камтар ба қайд гирифта шудаанд. Дар ҳамин давраи соли 2025-ум 30 нафар ғарқ шуда, ҷони худро аз даст дода буданд»,- афзуд Саидаҳмад Саидов.

**Дар 6 моҳи аввали соли равон 2 ҳазору 94 кас дар вилояти Суғд аз ҳамлаи ҳайвоноти хонагиву оворагард осеб бардоштаанд. Ин рақам назар ба ҳамин давраи соли гузашта 53 маврид камтар аст.**



Дар ин бора **Султон Раҳмонзода**, роҳбари Маркази назорати беҳдоштӣ ва ҳамагиршиносӣ (санитарию эпидемиологӣ)-и ин вилоят рӯзи 10-уми август дар нишасти матбуотӣ хабар додааст. Ӯ афзудааст, ки дар ин давра ягон мавриди гирифторшавӣ ба бемории ҳорӣ ё ҷон бохтани сокинон дар пайи ҳамлаи ҳайвонот сабт нашудааст.

Порча аз китоби Шариф ҲАМДАМПУР:

# ПРЕЗИДЕНТ: АЗ ХУСДЕҲ ТО СИНГАПУР



## ХУСДЕҲ

### сафаре, ки роҳи ҷангро баст

**(Идома аз шумораи гузашта)**

Президент аз дур ин манзараро мушоҳида менамуд. Дар чеҳраи Абдуллоҳи Нурӣ ҳанӯз ҳамон мавқее хонда мешуд, ки чанд дақиқа пеш, дар суҳбати рӯ ба рӯ миёни онҳо ҷой дошт. Ӯ беихтиёр нафаси амиқ кашид: «Боз ҳамон ҳолат...».

Ин аввалин бор нест. Чанд ҳафта пеш, дар Теҳрон низ ҳамин ҳолат рӯй дода буд. Бо вуҷуди ин, ӯ бовар дошт, ки роҳи наҷоти Тоҷикистон аз музокирот мегузарад, на аз идомаи ҷанг. Хуни зиёд рехта шуда, деҳаҳо сӯхта нобуд гаштанд, ҳазорҳо нафар аз Ватан фирор карда, дар соҳили дигари Панҷ сарсону саргардон умр ба сар мебурданд.

Боз хотираҳо зинда шуданд. Президент воҳӯрии соли 1994 бо мардуми Хатлонро пеши назар овард. Он дар рӯзҳое сурат гирифт, ки сарнавишти гурезаҳои тоҷик яке аз дардноктарин масъалаҳои давлат ба ҳисоб мерафт.

Ӯ он вакт гуфта буд:

– Танҳо дар гӯристони Мазори Шариф якуним ҳазор нафар аз мардуми мо дафн шудаанд. Якуним ҳазор нафар! Асрҳо мегузаранд, наслҳо иваз мешаванд ва рӯзе касе аз он ҷо гузашта, мегӯяд: «Ин мазори гурезаҳои тоҷик аст». Магар ин барои миллати мо нанг нест? Агар нангу номус дошта бошем, набояд хуни худ, шарафи худ ва фарзандони худро дар мулки бегона парешон гузорем. Мо бояд мардумамонро ҷамъ кунем, муттаҳид созем ва ба Ватан баргардонем. Вазифаи мо ҳамин аст.

То дар кишвар тинҷиву амонӣ баркарор нашавад, то охирин гурезаро аз хоки бегона ба манзили худаш барнагардонам, худро ором ҳис намекунам. Сарҳад аз ҳамин ҷо чанд километр дур аст. Чӣ гуна метавон ором буд, вақте соҳиби ҳамин мулку сарзамин дар он сӯйи марз вафот мекунад ва дар замини бегона ба хок супурда мешавад? Магар нангу номус ба мо намерасад? Ҳазорон нафар фавтидаанд, гӯристонҳои нав пайдо шудаанд. Агар мо мардумамонро ба Ватан барнагардонем, ҳазорсолаҳо баъд низ метавонанд моро таъна кунанд, ки ин ҷо гӯристони гурезаҳои тоҷик буд.

Ин суханон танҳо изҳори таассуф набуданд. Онҳо ба як аҳди давлатӣ табдил ёфтанд. Аз ҳамин рӯ, музокирот барои ӯ танҳо баҳси сиёсӣ ё талош барои ба даст овардани созиш не, балки пеш аз ҳама роҳи бозгардонидани мардум ба хонаҳои худ, ҷамъ овардани миллати парешон ва раҳо кардани Тоҷикистон аз вартаи ҷанг буд.

Ӯ хуб медонист: то замоне ки ҳатто як гурезаи тоҷик дар соҳили дигари Панҷ саргардон аст, сулҳ комил буда наметавонад. Мақсади асосӣ танҳо хомӯш кардани садои тир нест. Бояд мардум ба ватани худ баргарданд, деҳаҳо аз нав обод шаванд ва миллат дубора дар хоки худ сарҷамъ гардад.

Ба ин хотир, ҳанӯз дар охири моҳи октябр ва аввали моҳи ноябр Президент се нома ба номи Абдуллоҳи Нурӣ фиристода буд. Дар ҳар се нома як пешниҳод такрор мешуд: «Ман омодаам дар ҳар гӯшае, ки лозим бошад, бо Шумо мулоқот намоям».

Барои ӯ дигар макон аҳаммият надошт. Маскав бошад ё Теҳрон. Кобул бошад ё Хусдеҳ. Муҳим он, ки ба ҷанг хотима бахшида шавад.

Қарор буд, ки музокироти навбатӣ дар Маскав баргузор гардад. Аммо Ҷумҳурии Исломии Эрон пешниҳод намуд, ки ҷонибҳо нахуст дар Теҳрон ҷамъ шаванд, матни ҳуҷҷати муштаракро омода созанд ва сипас он дар Маскав баррасӣ гардад. Ӯ хуб дар хотир дошт, ки ҳайатҳо дар Эрон ду ҳафта кор карданд, аммо натиҷаи назаррас ба даст наомад. Танҳо як лоиҳаи ҳуҷҷат омода шуд, ки 70 дарсади муҳтавои он ҳам мавриди қабул қарор нагирифт.

Сулҳ ҳанӯз танҳо дар утоқҳои музокирот нафас мекашид. Берун аз он ҷанг идома дошт. Ҳангоме ки дар толорҳо аз оштӣ, эътимод ва ризоият сухан мерафт, дар Тавилдара тирҳо ҳамоно садо медоданд.

Гуфтушунидҳо ҳанӯз натавониста буданд ҷойи туфангро гиранд.

Президент амиқ дарк мекард, ки сулҳро танҳо бо имзои санад ба даст овардан ғайриимкон аст. Санадро метавон дар як рӯз имзо кард. Аммо ба эътимод солҳо бояд нома гашт. Бинобар ин, ҳар мувофиқае, ки дар дохили толор ҳосил мешуд, берун аз толор боз имтиҳони дигареро аз сар мегузаронд.

Маҳз ҳамон рӯз ӯ ба худ андешид: ҷанг дер ё зуд ба поён мерасад. Аммо поён додани беэътимодӣ аз хомӯш кардани силоҳ ҳам душвортар аст. Зеро сулҳ пеш аз он ки дар созишномаҳо сабт ёбад, бояд дар дилҳои одамон таваллуд гардад. Акнун, дар Хусдеҳ ҳамон имтиҳон боз такрор меёфт. Дар утоки танҳоӣ миёни ӯ ва Абдуллоҳи Нурӣ баъзе гиреҳҳо кушода шуданд. Аммо акнун мебоист он гиреҳҳо дар дилу андешаи дигарон низ боз мегаштанд.

### МУКОЛАМАИ АҲМАДШОҲИ МАСЪУД БО АБДУЛЛОҲИ НУРӢ

Президент нигоҳи худро аз Абдуллоҳи Нурӣ канда, ба соҳили дигари рӯди Панҷ нигарист ва ба Зуҳуров рӯй овард:

– Сайдамир Зуҳурович!

Вазири амният наздик омад.

Президент бо овози паст гуфт:

– Ҷӯраат куҷост?

Сайдамир Зуҳуров дарҳол фаҳмид сухан дар бораи кӣ меравад ва ба соҳили дигари рӯд ишора кард. Дар он ҷо Аҳмадшоҳи Масъуд бо қумондонҳо машварат дошт.

Президент чанд лаҳза ба он манзара нигарист ва бе он ки нигоҳашро канад, гуфт:

– Корҳо ҳанӯз пурра ҳал нашудаанд...

Лаҳзае сукут варзид.

Сипас бо овози паст илова намуд:

– Гапи домулло ба тарафи дигар рафта истодааст...

Сайдамир Зуҳуров дигар чизе напурсид. Ӯ мақсадро зуд дарк кард...

Танаффус ба анҷом расид. Президент ва Абдуллоҳи Нурӣ бори дигар вориди утоқи музокирот шуданд. Дар аз пасашон баста гашт. Дар утоқ танҳо ду нафар монданд. Онҳо рӯ ба рӯйи ҳам нишастанд. Музокирот идома ёфт. Касе шоҳиди гуфтугӯи онҳо набуд. Ду нафар як ба як монданд. Ду роҳбаре, ки ҳар кадом аз ҷониби худ бори масъулият бар дӯш дошт. Дар пушти яке аркони давлатӣ ва халқ меистод, дар пушти дигаре мухолифин. Аммо дар миёни онҳо танҳо як масъала қарор дошт:

– Оё Тоҷикистонро метавон аз ҷанг берун овард?

Ҳар кас гумон мебурд, ки баъди гуфтугӯйи рӯ ба рӯйи Президент ва Абдуллоҳи Нурӣ роҳи мувофиқа ҳамвортар мешавад. Аммо чунин нашуд. Баҳс боз ба гиреҳ бархӯрд.

Соате сипарӣ шуд. Дари хонаи музокирот боз гашт ва аз он Президент берун омад. Аз қиёфааш маълум буд, ки он чанд соати суҳбати паси дари баста осон нагузаштааст. Ӯ хаста менамуд. На аз сафари роҳи дур, балки аз бори гарони масъулияте, ки бар дӯш дошт.

Сайдамир Зуҳуров дар гӯшае меистод. Дуртар аз ӯ Аҳмадшоҳи Масъуд дар даст офтоба тараддуди омодагӣ ба намози аср дошт. Ҳамин ки нигоҳаш ба Президент бархӯрд, наздаш омад.

Оҳиста пурсид:

– Чӣ шуд?

– Фаҳмидан намехоҳанд. Исрор доранд, ки фалон муллоро ба ин вазифа монем, фалон муллоро ба он вазифа...

Аҳмадшоҳи Масъуд чанд сония хомӯш гардид, чеҳрааш ранги дигар гирифт, дигар он оромии пешинаро надошт.

Ӯ офтобаро ба замин гузошт. Баъд, бе ҳеҷ муқаддима ба сӯйи утоқи музокирот роҳ сипарид. Дарро кушод. Ҳамаи ҳозирон ба ӯ нигаристанд. Ӯ рост назди Абдуллоҳи Нурӣ рафт. Овозаш баланд набуд, аммо қатъияте дошт, ки тамоми толорро ба хомӯшӣ водор сохт.

– Гӯш кун, домулло...

Лаҳзае таваққуф кард.

– Мо, тоҷикони Афғонистон, аз дасти ҳамин муллою эшонҳо сар-сари теппаю дара шудем.

Касе ҷуръати сухан гуфтан надошт.

Аҳмадшоҳ идома дод:

– Аз ҳар ҷо муллоҳоро овардаанд, гуфтанд раиси фалон идора шавад, вазир шавад... Ба ғайр аз ибодат чизеро намефаҳманд, аммо даъвои вазирӣ доранд.

Ӯ як қадам ба Абдуллоҳи Нурӣ наздиктар шуд.

– Бо ҷаноби Раисҷумҳур ин хел гап назан! Бигӯ, ки ман ҳуқуқшинос дорам, муҳандис дорам, табиб дорам, мутахассис дорам, онҳоро ба кор ҷалб кунед. Ин кори ӯст, ки киро ба кадом вазифа таъйин созад. Аммо, агар ҳар муллоро раиси идора кунад, ҳар эшонро вазир кунад...

Ҷумлааш нотамом монд.

Баъд савол гузошт:

– Пас давлатро кӣ идора мекунад?

Дар хона сукути вазнин ҳукмфармо шуд. Аҳмадшоҳи Масъуд ба атроф нигариста, оромона, вале бо қатъият гуфт:

– Ин роҳ нест, бас кунед! Сулҳ барои тақсим кардани вазифа нест. Сулҳ барои нигоҳ доштани давлат, якпорчагии миллат аст.

**(Давом дорад)**

**ТОҶИКОНИ МУВАФФАҚИ РУСИЯ**

*Чеҳраҳое, ки миёни кишварҳо пул месозанд*

# НУФУЗЕ, КИ АЗ ДОНИШ САРЧАШМА МЕГИРАД



*Убайд Окимбеков*

**ДАР МИЁНИ ТОҶИКОНИ БОНУФУЗИ РУСИЯ НА ТАНҲО СОҲИБОНИ ШИРКАТҲОИ БУЗУРГ, ВАРЗИШГАРОН ВА РОҲБАРОНИ ДИАСПОРАҲО ҲАСТАНД. ГУРӮҲИ ДИГАРРО ДОНИШМАНДОНЕ ТАШКИЛ МЕДИҲАНД, КИ БО НЕРӮИ АҚЛУ ДОНИШ ДАР МУҲИТИ ИЛМӢ ВА ҶАМЪИЯТИИ РУСИЯ ҶОЙГОҲ ПАЙДО КАРДААНД. УБАЙД ОКИМБЕКОВ АЗ ҶУМЛАИ ОНҲОСТ: ОЛИМИ ПАЖӮҲИШГОҲИ ШАРҚШИНОСИИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ РУСИЯ, МУҲАҚҚИҚИ ИҚТИСОДИ АФҒОНИСТОН ВА ЯКЕ АЗ БУНЁДГУЗОРОНИ ДИАСПОРАИ ТОҶИКОНИ «НУР».**






## БО ЧӢ МАЪРУФ АСТ?

Убайд Вафобекович Окимбеков номзади илмҳои иқтисодӣ ва ходими калони илмии Маркази омӯзиши кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёнаи Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Русия мебошад.

Самти асосии таҳқиқоти ӯ иқтисод, сиёсати хориҷӣ, сохтори буҷетӣ ва масъалаҳои иҷтимоии Афғонистон аст. Ӯ равандҳои ин кишварро на танҳо аз нуқтаи назари ҷанг, терроризм ва рақобати қудратҳои хориҷӣ, балки аз дидгоҳи иқтисод, зерсохтор, даромади давлат, тиҷорат, нақлиёт, обу энергетика ва кумакҳои байналмилалӣ меомӯзад.

Ин вижагии фаъолияти Окимбеков муҳим аст. Зеро Афғонистон дар расонаҳо бештар ҳамчун майдони ҷанг тасвир мешавад, дар ҳоле ки дар паси ҳар таҳаввулоти сиёсӣ иқтисоди заиф, буҷети маҳдуд, бекорӣ, камбуди роҳу нерӯи барқ ва вобастагӣ аз кумакҳои хориҷӣ қарор доранд.

Окимбеков мекӯшад нишон диҳад, ки суботи Афғонистонро танҳо бо силоҳ таъмин кардан имкон надорад. Кишваре, ки иқтисоди фаъол, ҷойи кор, роҳ, барқ ва низоми устувори молиявӣ надорад, ҳамеша осебпазир боқӣ мемонад.

## ОЛИМЕ, КИ АФҒОНИСТОНРО АЗ ДОХИЛ ОМӮХТ

Арзиши пажӯҳишҳои Убайд Окимбеков дар он аст, ки дониши ӯ танҳо аз китобу санадҳои расмӣ ба даст наомадааст.

Соли 2002 ӯ ҳамроҳи гурӯҳи олимони Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Русия дар як сафари илмӣ аз Бадахшони Тоҷикистон ба вилояти Бадахшони Афғонистон гузашт. Муҳаққиқон аз ноҳияҳои Ишкошим, Шуғнон, Баҳорак ва шаҳри Файзобод боздид намуда, бо сокинони маҳаллӣ, деҳқонон, тоҷирон ва намояндагони созмонҳои байналмилалӣ суҳбат карданд.

Онҳо вазъи кишоварзӣ, тақсимоти замин, камбизоатӣ, роҳсозӣ, фаъолияти бозорҳои наздисарҳадӣ ва таъсири кочоки маводи мухаддирро омӯхтанд. Натиҷаи ин сафар дар мақолаи «Дар вилояти Бадахшони Афғонистон» инъикос гардид.

Дар таҳқиқот зикр мешавад, ки бисёр хонаводаҳои кӯҳистон аз замини худ танҳо барои хашт моҳи сол ҳосил мегирифтанд. Дар моҳҳои боқимонда онҳо маҷбур мешуданд аз заминдорон ва тоҷирон бо фоизи баланд қарз гиранд. Бархе деҳқонон аз сабаби қарз замин ва чорвои худро аз даст медоданд.

Муаллифон ҳамчунин таъсири ҷанг, бекорӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддирро ба зиндагии мардуми Бадахшон таҳлил кардаанд. Ин пажӯҳиш аз корҳои камшуморест, ки вазъи Афғонистонро аз дидгоҳи зиндагии мардуми одӣ инъикос мекунад.

## АЗ БУҶЕТИ ДАВЛАТ ТО МАВҚЕИ ЗАНОН

Доираи таҳқиқоти Окимбеков танҳо бо зерсохтори истеҳсолӣ маҳдуд нест. Ӯ масъалаҳои гуногуни ҳаёти Афғонистонро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Аз ҷумла, дар мақолаи «Буҷети давлатии Афғонистон: мушкилоти ташаккул ва истифода» манбаъҳои даромади давлат, хароҷоти буҷет, вобастагӣ аз донорҳои хориҷӣ ва норасоиҳои низоми молиявии Афғонистонро таҳлил мекунад.

Дар пажӯҳиши «Низоми нақлиётии Афғонистон: вазъ ва дурнамо» роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан ва нақши нақлиёт дар пайвастани Афғонистон ба иқтисоди минтақавӣ баррасӣ шудаанд.

Мақолаи дигари ӯ - «Масъалаи занон дар Афғонистон дар замони Толибон» ба ҳуқуқ ва ҷойгоҳи занон дар ҷомеаи афғон бахшида шудааст. Муаллиф вазъи занонро дар давраҳои гуногуни сиёсӣ муқоиса намуда, таъсири маҳдудиятҳои Толибонро ба таҳсил, шуғл ва ҳаёти иҷтимоии онҳо нишон медиҳад.

Ин самтҳо собит мекунанд, ки Окимбеков Афғонистонро ҳамчун низоми ягона мебинад: иқтисодро аз сиёсат, буҷетро аз амният ва вазъи занонро аз сохтори иҷтимоӣ ҷудо намекунад.

## ПАС АЗ БОЗГАШТИ ТОЛИБОН

Бозгашти Толибон ба қудрат дар моҳи августи соли 2021 дар назди муҳаққиқон саволҳои нав гузошт. Оё иқтисоди Афғонистон фурӯ мепошад? Ҳукумати нав аз куҷо маблағ мегирад? Қатъ шудани кумакҳои Ғарб ба зиндагии мардум чӣ таъсир мерасонад?

Окимбеков ба ин масъалаҳо дар силсилаи мақолаҳои худ посух ҷуст:

«Бозгашти Толибон ва иқтисоди Афғонистон»;

«Иқтисоди Афғонистон: якуним соли ҳукмронии Толибон»;

«Афғонистон: кумакҳои иқтисодӣ ва башардӯстонаи хориҷӣ дар замони Толибон»;

«Буҷети давлатии Афғонистон дар замони Толибон».

Дар пажӯҳиши соли 2025 ӯ ба хулосае меояд, ки суқути иқтисодии пешгӯишуда ба шакли пурра рух надод. Яке аз сабабҳои асосӣ идома ёфтани кумакҳои башардӯстона ва молиявӣ тавассути сохторҳои Созмони Милали Муттаҳид буд.

Ба андешаи олим, ворид шудани маблағҳои нақд ба Афғонистон ба фаъолияти низоми бонкӣ, қурби пули миллӣ, савдои хориҷӣ ва талаботи дохилӣ таъсири мусбат расонд. Аммо вобастагии тӯлонии кишвар аз кумакҳои хориҷӣ иқтисоди онро осебпазир нигоҳ медорад.

Ӯ ҳушдор медиҳад, ки қатъи ногаҳонии маблағгузорӣ метавонад бӯҳронро шадид созад. Аз тарафи дигар, идомаи кумаки бенизом ва бе рушди истеҳсолоти миллӣ метавонад вобастагии Афғонистонро боз ҳам бештар кунад.

## ЯКЕ АЗ ПОЯГУЗОРОНИ «НУР»

Фаъолияти Убайд Окимбеков танҳо ба утоқи корӣ ва пажӯҳишҳои академӣ маҳдуд нашудааст. Ӯ аз ҷумлаи муассисони созмони ҷамъиятии Диаспораи тоҷикони "Нур" буд.

Созмон бо номи пурраи "Созмони минтақавии ҷамъиятии мусоидат ба ҳифзи ҳувият, рушди забон ва расму оинҳои халқҳои Тоҷикистон - Диаспораи тоҷикони "Нур"" дар Маскав фаъолият мекунад.

Дар таъсиси он ҳамроҳи Окимбеков Алимамад Баймамадов ва Тоҳир Каландаров - ходими Пажӯҳишгоҳи этнология ва антропологияи Академияи илмҳои Русия иштирок доштанд.

Ин таркиб худ як хусусияти «Нур»-ро нишон медиҳад: дар поягузории он на танҳо соҳибкорон, балки намояндагони илм ва зиёиёни тоҷик низ саҳм доштанд.

Тибқи маълумоти феҳристи шахсони ҳуқуқии Русия, Убайд Окимбеков, Алимамад Баймамадов ва Тоҳир Каландаров 15-уми декабри соли 2021 аз ҳайати муассисони расмии созмон хориҷ шудаанд. Аммо хориҷ шудан аз рӯйхати муассисон маънои қатъ гардидани фаъолияти ҷамъиятиро надошт.

## ЧАРО МАОРИФ БАРОИ Ӯ МУҲИМ АСТ?

Барои олиме чун Окимбеков масъалаи фарзандони муҳоҷирон танҳо кори хайрия нест. Ин масъала ба ояндаи ҷомеаи тоҷикон дар Русия вобаста мебошад.

Агар кӯдак забони русиро хуб надонад, ба мактаб ва муҳити нав мутобиқ нашавад, эҳтимоли аз таҳсил дур монданаш зиёд мешавад. Аммо агар ӯ ҳам забону фарҳанги аҷдодии худро нигоҳ дорад ва ҳам дар низоми маорифи Русия муваффақ шавад, метавонад ба табиб, муҳандис, ҳуқуқшинос ё донишманд табдил ёбад.

Худи Окимбеков намунаи он аст, ки муҳоҷир ё зодаи Тоҷикистон метавонад дар Русия на танҳо бо меҳнати ҷисмонӣ, балки бо дониш ва нерӯи зеҳнӣ мавқеи шоиста пайдо кунад.

Аз ҳамин ҷост, ки фаъолияти ӯ дар диаспора бештар ба маориф, тарбия ва боло бурдани сатҳи маърифати ҳуқуқии муҳоҷирон равона шудааст.

**(Идома дорад)**

**Таҳия, тарҷума ва такмили Шариф Ҳамдампур**

# АЗ ЁРИИ ТАЪҶИЛӢ

## 35 соли Истиқлол ва марҳилаҳои рушди

**Дар солҳои Истиқлоли давлатӣ соҳаи тандурустии Тоҷикистон марҳилаи нави рушдро паси сар карда, дар баробари бунёду навсозии муассисаҳои тиббӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири ташхису табобат ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба аҳолӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат табдил ёфт. Муассисаи давлатии «Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ»-и шаҳри Душанбе намунаи равшани ҳамин дигаргуниҳост. Муассисае, ки фаъолияти он мустақиман бо ҳифзи ҷони инсон дар лаҳзаҳои ҳассосу тақдирсоз алоқаманд аст, дар даврони соҳибистиқлолӣ аз таъмиру таҷдиди инфрасохтор то ҷорӣ кардани ҷарроҳиҳои мураккаби каминвазивӣ роҳи бузургеро тай намудааст. Имрӯз нишондиҳандаи ҷарроҳиҳои каминвазивӣ дар ин марказ ба 75,1 дарсад расидааст. Дар марҳилаҳои аввал ин рақам ҳамагӣ 5-8 дарсад буд.**



*Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Ҷамолиддин Абдуллозода ҳангоми ифтитоҳи пойгоҳи №1-и МД маркази шаҳрии “Ёрии таъҷилии тиббӣ” дар ноҳияи Фирдавсӣ*

### ИСТИҚЛОЛ ВА ОҒОЗИ МАРҲАЛАИ НАВИ РУШДИ МУАССИСА

Ёрии таъҷилии тиббӣ самтест, ки сифати фаъолияти он на танҳо аз маҳорати табиб, балки аз суръати расидагӣ кардан ба мушкилоти беморону корафтодагон, имконияти ташхиси фаврӣ, дастрасии таҷҳизоти наҷотбахш, наклиёти махсус ва ҳамоҳангии фаъолияти тамоми зерсохторҳо вобаста аст. Аз ҳамин ҷиҳат, дигаргуниҳое, ки дар Муассисаи давлатии «Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ» дар давраи Истиқлол амалӣ шудаанд, танҳо навсозии як муассисаро ифода намекунанд. Онҳо нишон медиҳанд, ки муносибат ба тиби таъҷилӣ тадриҷан ба сатҳи комилан нав баромадааст.

Яке аз қадамҳои муҳими ин раванд соли 2002 гузошта шуд. Дар доираи лоиҳаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Исломии Рушд ба маблағи 2 миллиону 493 ҳазор доллар Беморхонаи клиникии ёрии таъҷилии тиббӣ аз нав таъмиру тармим ва бо таҷҳизоти муосири тиббӣ таъмин гардид.

Ин сармоягузорӣ дар шароите сурат гирифт, ки низоми тандурустии кишвар ба таҷдиди инфрасохтор ва барқарор намудани иқтидори техникии муассисаҳо ниёзи ҷиддӣ дошт. Аз ин рӯ, навсозии беморхонаи ёрии таъҷилӣ на танҳо аҳаммияти маҳаллӣ, балки аҳаммияти иҷтимоии умумимиллӣ дошт.

Дар солҳои минбаъда низ таҳкими заминаи моддию техникӣ идома ёфт. Солҳои 2004 - 2005 аз ҳисоби буҷети давлат 10 нақлиёти санитарӣ харидорӣ гардид. Ҳамчунин, аз ҳисоби гранти Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузорони Тоҷикистон бо арзиши 55 ҳазор доллар сохтмони ҷомашӯйхонаи беморхона анҷом дода шуд. Соли 2006 боз 10 нақлиёти ёрии таъҷилии тиббӣ харидорӣ гардид.

### ДАСТГИРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ - ТАКОНИ МУҲИМ БА НАВСОЗӢ

Дар таърихи рушди Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ соли 2007 мавқеи махсус дорад. Бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва аз ҳисоби қарзи Фонди Саудии Рушд беморхона бо таҷҳизоти муосири тиббӣ ба маблағи 4 миллиону 999 ҳазор доллар таъмин гардид.

Дар доираи ин тарҳ 13 нақлиёти санитарии тамғаи «Volkswagen» бо таҷҳизоти махсус барои стансияи ёрии таъҷилӣ, дастгоҳҳои ташхисию табобатӣ, литотрипторӣ масофавӣ, таҷҳизоти ултрасадо ва дастгоҳи мобилии рентгении «Siemens» дастрас гардиданд. Аз муҳимтарин дастовардҳо ворид шудани томографи магнитии резонансӣ аст, ки он замон бори аввал дар ҷумҳурӣ ворид гардида буд.

Дар баробари ин, устохонаҳои таъмири нақлиёти санитарӣ ва техникаи алоқаю компютерӣ ташкил гардида, таҷҳизоти Маркази таълимию тамринӣ, ду генератори барқии иқтидори 95-киловаттӣ, асбобҳои муътадилсозии қувваи барқ ва системаи телекоммуникатсионӣ низ дастрас шуданд.

Ин нукта аз он шаҳодат медиҳад, ки дастгирӣ танҳо ба хариди дастгоҳҳои алоҳида маҳдуд набуд. Барои фаъолияти устувори системаи ёрии таъҷилӣ як маҷмӯи инфрасохтор - аз ташхису табобат то таъмири нақлиёт, алоқа ва таъминоти барқ ташаккул ёфт.

Ҳамзамон аз ҳисоби маблағҳои марказонидашудаи Ҳукумати ҷумҳурӣ ба маблағи 750 ҳазор сомонӣ корҳои таъмирӣ иҷро шуданд. Ин натиҷаҳо бозгӯи онанд, ки сиёсати иҷтимоии давлат дар соҳаи тандурустӣ тадриҷан аз ҳалли масъалаҳои ҷорӣ ба бунёди заминаи устувори техникиву технологӣ равона гардид.

### АЗ КОМПЮТЕРКУНОНӢ ТО НАВИГАТСИЯИ МОҲВОРАВӢ

Яке аз ҷанбаҳои ҷолиби рушди Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ соли 2007 ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ ба раванди хизматрасонии тиббӣ мебошад.

Ҳанӯз дар марҳалаи таҷдиди техникии муассиса системаи идоракунии автоматӣ бо 46 компютер ба фаъолият оғоз карда, шаклҳои электронии таърихи беморӣ ва варақаҳои даъвати ёрии таъҷилӣ роҳандозӣ шуданд. Системаи компютерии беморхона ба шабакаи интернет пайваст гардид.

Соли 2010 бошад, 8 нақлиёти ёрии таъҷилии тиббӣ бо мусоидати ташкилоти «Роскосмос» ба системаи навигатсияи кайҳонӣ пайваст шуданд. Барои тиби таъҷилӣ чунин технология аҳаммияти махсус дорад, зеро муайян намудани мавқеи нақлиёт ва интихоби самти ҳаракат метавонад вақти расидани гурӯҳи тиббиро коҳиш диҳад.

Соли 2013 коргузории электронӣ - аз бақайдгирии беморон то таърихи беморӣ пурра ба роҳ монда шуда, системаи идоракунии автоматӣ бо 46 ҷойи кории компютерӣ фаъолият мекард.

Яъне рақамикунонии низоми тандурустӣ, ки имрӯз яке аз самтҳои муҳими рушди соҳа дониста мешавад, дар Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ солҳо қабл аз марҳилаҳои аввалини татбиқ гузашта буд.

### ТАБИБИ СОҲИБКАСБ - МУҲИМТАР АЗ ҲАР ТАҶҲИЗОТ

Муосиртарин дастгоҳ ҳам бе мутахассиси соҳибкасб самараи зарурӣ дода наметавонад. Аз ин рӯ, дар баробари навсозии техникӣ ба бозомӯзӣ ва такмили маҳорати кормандон таваҷҷуҳ зоҳир шудааст.

Соли 2009 дар назди беморхона Маркази таълимию тамринӣ таъсис ёфт. Он барои бозомӯзии кормандони тиббии шуъбаҳои қабули беморхонаҳо ва марказҳои саломатии шаҳрӣ, инчунин омӯзонидани кормандони Бозрасии давлатии автомобилӣ оид ба расонидани ёрии таъҷилии тотабибӣ пешбинӣ шуда буд.

Ин иқдом аҳаммияти хос дорад, зеро дар бисёр ҳолатҳои садама, осеб ва бемориҳои шадид маҳз дақиқаҳои аввал тақдири инсонро ҳал мекунанд. Аз ин рӯ, баланд бардоштани дониши ёрии аввалияи на танҳо табибон, балки кормандони сохторҳое, ки бештар бо ҳодисаҳои роҳу нақлиёт рӯ ба рӯ мешаванд, як намунаи муносибати системавӣ ба масъалаи наҷоти ҳаёт мебошад.

### БЕМОРХОНАЕ, КИ БА НАЗДИ БЕМОР МЕРАВАД

Нақлиёти санитарӣ дар низоми ёрии таъҷилӣ танҳо воситаи интиқоли бемор нест. Мошини муосири ёрии таъҷилӣ дар асл як ҳуҷраи сайёри тиббист, ки имкони оғоз намудани баъзе тадбирҳои наҷотбахшро ҳанӯз дар роҳ фароҳам меорад.

Соли 2014 ба стансияи ёрии таъҷилӣ 2 нақлиёти санитарии «Hyundai» ва 7 дастгоҳи сабти барқии дил дастрас гардид. Соли 2016 боз 7 дастгоҳи ЭКГ харидорӣ шуд. Соли 2017 бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе 8 мошини ёрии таъҷилии «Mercedes-Benz» ва соли 2020 як «Ford Transit» вориди истифода гардид.

Соли 2021 бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззми миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ 5 нақлиёти санитарии «Ford Transit» ва 2 «Hyundai», ки бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз буданд, дастрас шуданд.

Дар маҷмуъ, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаббуси Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Раёсати тандурустии пойтахт боз 20 нақлиёти муосири ёрии таъҷилӣ дастрас гардидааст.

Дар ин раванд ҳамкории Ҳукумати мамлакат, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти шаҳри Душанбе ва сохторҳои соҳавӣ ҳамчун як занҷири ягонаи идоракунӣ равшан ба назар мерасад.

### ПОЙГОҲИ №1

10-уми апрели соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Фирдавсии пойтахт бинои маъмурии шуъбаи маориф ва пойгоҳи №1-и Муассисаи давлатии маркази шаҳрии “Ёрии таъҷилии тиббӣ”-ро мавриди истифода қарор доданд.

Иншоот дар доираи бунёдкорӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли дав-

# ТО МАРКАЗИ ТИББИИ МУОСИР

## Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ



*Бобохон Абдураҳимзода, директори МД «Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ»*

латии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд шуда, дар он шароити хуби корӣ барои кормандон фароҳам аст.

Дар ду қабати аввали бино пойгоҳи №1-и Муассисаи давлатии Маркази шаҳрии ёрии таъҷилӣ ҷойгир аст. Он дар доираи татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Душанбе барои давраи то соли 2025 бунёд гардидааст. Пойгоҳ аз 18 ҳуҷра иборат буда, дар он қабули беморон ва ёрии таъҷилии тиббӣ сурат мегирад. Пойгоҳи №1-и Маркази шаҳрии ёрии таъҷилӣ бо доруворӣ, лавозимоти соҳавӣ ва таҷҳизоти тиббии замонавӣ таъмин шудааст.

### ҶАРРОҲИИ КАМИНВАЗИВӢ - ИНҚИЛОБИ ТЕХНОЛОГӢ

Шояд муҳимтарин нишондиҳандаи пешрафти тиббии Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ афзоиши ҳаҷми ҷарроҳиҳои каминвазивӣ бошад. Бартарии чунин усулҳо дар он аст, ки ҷароҳати бофтаҳо нисбатан кам, давраи барқароршавии бемор кӯтоҳ ва имкони коҳиши баъзе хавфҳои баъдиҷарроҳӣ бештар мегардад.

Соли 2019 ҳиссаи чунин ҷарроҳиҳо дар Марказ 41,4 дарсад буд. Дар ҳамон сол резексияи трансуретралии омосҳои масона ва аденомаи ғадуди пешҷой, спленэктомия бо усули лапароскопӣ ва як қатор амалиёти мураккаб вориди амалияи муассиса гардиданд.

Соли 2020 нишондиҳанда ба 49 дарсад, соли 2021 ба 58,8 дарсад ва соли 2022 ба 66,6 дарсад расид.

Дар соли 2021 чандин усули нави ҷарроҳӣ, аз ҷумла гемиколэктомия, нефрэктомия ва як қатор амалиёти лапароскопӣ ҷорӣ шуданд. Ин раванд нишон медиҳад, ки сухан танҳо аз зиёд шудани шумораи амалиёт намеравад, балки доираи мудохилаҳои мураккабе, ки бо технологияи каминвазивӣ анҷом мешаванд, низ васеъ гардидааст.

Соли 2023 буриши найчавии меъда ё «слив-резексия» бо усули лапароскопӣ ба роҳ монда шуд. Соли 2024 экстирпатсияи рӯдаи мустақим, буриши корпокаудалии ғадуди зери меъда ва дигар ҷарроҳиҳои мураккаб бо усули лапароскопӣ анҷом ёфта, ҳиссаи ҷарроҳиҳои каминвазивӣ ба 66,9 дарсад расид.

Соли 2025 ин нишондиҳанда аллакай 73,7 дарсад шуд. Дар шаш моҳи аввали соли 2026 бошад, ҷарроҳиҳои каминвазивӣ 75,1 дарсади амалиётро ташкил додаанд.

Аз 5 - 8 дарсад то 75,1 дарсад расидани нишондиҳанда дар даврони Истиқлол на танҳо афзоиши оморӣ, балки нишонаи тағйир ёфтани фарҳанги ҷарроҳӣ, сатҳи омодагии мутахассисон ва имкониятҳои техникии муассиса мебошад.

### СОЛҲОИ 2024-2026: МАРҲИЛАИ НАВИ МУҶАҲҲАЗГАРДОНӢ

Солҳои охир суръати навсозии техникӣ боз ҳам бештар шудааст. Соли 2024 шуъбаи урология бо як қа-




тор таҷҳизоти истеҳсоли Олмон, Швейтсария, Италия ва дигар кишварҳо муҷаҳҳаз гардид. Дар миёни онҳо рафи эндоскопӣ бо монитори Full HD-и Karl Storz, камераи HD, дастгоҳи сангшикани пневматикии Swiss LithoClast 2, дастгоҳи рентгении C-arm, ултрасадои Samsung HS30, коагулятор ва маҷмӯи таҷҳизоти эндоурологӣ мавҷуданд.

Ҳамчунин, бо дастгирии Раиси шаҳри Душанбе мухтарам Рустами Эмомалӣ шуъбаи урология бо дастгоҳи рентгении C-arm-и истеҳсоли Чин таъмин гардид. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бошад, барои шуъба дастгоҳи литотриптори масофавии Modulith SLK-и истеҳсоли Олмонро дастрас намуд.

Соли 2025 аз ҳисоби Вазорати тандурустӣ маҷмӯи видеолапароскоп, дастгоҳи ултрасадои доплердор ва дастгоҳи рақамии рентгенӣ ворид гардиданд. Аз ҷониби Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе генератори LigaSure, дастгоҳи шашканалаи ЭКГ, дефибриллятор, ду мизи ҷарроҳӣ ва видеогастроскоп таъмин карда шуданд.

Дар шаш моҳи аввали соли 2026 боз як мизи ҷарроҳӣ ба маблағи 75 ҳазор сомонӣ ва лампаи мобилии ҷарроҳӣ ба маблағи 35 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби Вазорати тандурустӣ дастрас гардидааст. Ҳамчунин, бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ба маблағи 4 миллиону 347 ҳазору 840 сомонӣ эндовидеосистемаи флуоресцентӣ барои визуализатсияи беморони онкологӣ, аз ҷумла онко-урологӣ рӯзҳои наздики дастрас мегардад.

Ин далелҳо нишон медиҳанд, ки муҷаҳҳазгардонӣ дигар амали якдафъаина нест, балки ба раванди пайваста табдил ёфтааст.

Агар роҳи тайкардаи Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббиро дар тӯли солҳои Истиқлол таҳлил намоем, як хусусияти муҳим равшан мешавад: аксари дигаргуниҳои бузург натиҷаи ҳамкории чанд сатҳи идоракунӣ мебошанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ ва ҷалби маблағҳои байналмилалӣ замина фароҳам овардааст. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар масъалаи таҷҳизонидани муассиса, такмили имкониятҳои ташхисию табобатӣ ва омода намудани мутахассисон саҳм мегузорад. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Раёсати тандурустии пойтахт бошанд, масъалаҳои нақлиёт, таҷҳизот, таъмиру навсозии инфрасохтор ва такмили ихтиси кормандон дар хориҷи кишварро пайваста дастгирӣ мекунанд.

Шуъбаи наҷоти марказ низ бо ташаббуси Вазорати тандурустӣ ва дастгирии Бонки Исломии Рушд аз таъмири асосӣ бароварда шуда, бо таҷҳизоти муосир таъмин гардид. Ҷарроҳихона низ таъмир ва бо дастгирии мақомоти шаҳри Душанбе бо дастгоҳи муосири эндовидеоҷарроҳӣ муҷаҳҳаз шудааст.

Дар маҷмуъ, ин раванд ифодагари сиёсати давлат дар самти баланд бардоштани дастрасӣ ва сифати хизматрасонии тиббӣ мебошад. Таваҷҷуҳи пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи тандурустӣ, дастгирии тарҳҳои калони таҷдиду муҷаҳҳазгардонӣ ва сафарбар намудани имкониятҳои давлатӣ барои беҳбуди инфрасохтори тиббӣ дар мисоли Марказ натиҷаи назаррас додааст.



### РАҚАМЕ, КИ ПУШТИ ОН РОҲИ БУЗУРГ МЕИСТАД

Вақте мегӯем, ки имрӯз 75,1 фоизи ҷарроҳиҳо бо истифода аз технологияи каминвазивӣ анҷом мешаванд, ин рақамро набояд танҳо ҳамчун як нишондиҳандаи ҳисоботӣ қабул кард. Пушти он солҳои омӯзиш, бозомӯзии табибон, хариди таҷҳизот, таъмири биноҳо, сохтани инфрасохтори ёрирасон, рақамикунонӣ, такмили таъминоти нақлиётӣ ва аз ҳама муҳим - таҷрибаи садҳо мутахассиси соҳа қарор дорад.

Агар дар оғози давраи Истиқлол ҳиссаи технологияҳои каминвазивӣ ҳамагӣ 5-8 фоизро ташкил медод, имрӯз ба 75,1 фоиз расидани он як нишондиҳандаи воқеии тағйироти сифатӣ мебошад.

Муассаи давлатии «Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ» муассисаест, ки фаъолияти он бо муҳимтарин арзиши инсонӣ - ҳаёт пайванд дорад. Дар ин ҷо баъзан на рӯзҳо ва соатҳо, балки дақиқаҳо тақдири беморро муайян мекунанд. Аз ин рӯ, ҳар мошини нави ёрии таъҷилӣ, ҳар дастгоҳи ташхисӣ, ҳар усули нави ҷарроҳӣ ва ҳар мутахассиси бозомӯхташуда маънои воқеии иҷтимоӣ дорад.

Таърихи рушди Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ дар даврони Истиқлол нишон медиҳад, ки аз таҷдиди бино дар соли 2002 то ворид намудани таҷҳизоти пешрафтаи эндовидеоҷарроҳӣ ва технологияҳои флуоресцентӣ дар солҳои 2024 - 2026 як роҳи пайгирона тай шудааст. Роҳе, ки дар он дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, Раиси шаҳри Душанбе мухтарам Рустами Эмомалӣ ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе ва кормандони соҳа бо ҳам пайваст гардидаанд.

35 соли Истиқлоли давлатӣ барои Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ на танҳо як марҳилаи таърихӣ, балки ин давраи таҷдид, муосиршавӣ, технологикунонӣ ва баланд шудани сатҳи касбияти тиби таъҷилӣ аст.

Агар меъёри асосии пешрафти тиб ҳифзи саломатӣ ва наҷоти ҷони инсон бошад, пас ҳар беморе, ки саривақт ба ӯ ёрӣ расонида мешавад, ҳар амалиёти мураккабе, ки бо усули камосеб анҷом меёбад ва ҳар нафаре, ки бо саломатии беҳтар ба назди оилааш бармегардад, муҳимтарин натиҷаҳои ин роҳи 35-сола мебошанд.

# НОҲИЯИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ: 35 СОЛИ СОЗАНДАГӢ ВА РУШД

## Аз иҷрои барзиёди нақшаи иншоот то роҳсозӣ, маориф, тандурустӣ ва саноат

**Дар остонаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ корҳои созандагиву ободонӣ вусъати тоза касб кардаанд. Бунёди иншооти иҷтимоӣ, навсозии роҳҳо, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ ва кӯдакистонҳо, таъсиси корхонаҳои нави саноатӣ ва беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ аз самтҳои муҳими рушди ноҳия ба шумор мераванд.**







Тибқи маълумоти пешниҳодшуда, аз 211 иншооти дар нақша пешбинишуда то имрӯз 230 иншооти таъиноти гуногун сохта ба истифода дода шудааст, ки 109 дарсади нақша ва аз нишондиҳандаи пешбинишуда 15 иншоот зиёд мебошад. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки сокинон ва масъулони ноҳия ҷашни бузурги миллӣ - 35-солагии Истиқлоли давлатиро бо натиҷаҳои назаррас истиқбол мегиранд.

### ИСТИҚЛОЛ - ЗАМИНАИ СОЗАНДАГӢ

35 соли Истиқлоли давлатӣ барои Тоҷикистон давраи ташаккули давлатдории миллӣ, таҳкими сулҳу субот, бунёди инфрасохтор ва марҳала ба марҳала беҳтар намудани шароити зиндагии мардум ба шумор меравад. Дар ин муддат симои шаҳру ноҳияҳои кишвар тағйир ёфта, садҳо иншооти иҷтимоиву иқтисодӣ, муассисаҳои таълимӣ ва тиббӣ, роҳу пулҳо ва корхонаҳои истеҳсолӣ бунёд гардиданд.

Ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ низ дар ин раванд аз дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ канор намондааст. Дар остонаи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳия корҳои ободониву бунёдкорӣ бо суръати баланд идома дошта, ташаббусҳои давлатӣ бо саҳми соҳибкорон, шахсони саховатпеша ва сокинон пайваст шудаанд.

Натиҷаи ин ҳамкории созанда он аст, ки нақшаи бунёди иншоот дар ноҳия пеш аз анҷоми корҳои пешбинишуда барзиёд иҷро гардидааст. Агар тибқи нақша бунёди 211 иншооти таъиноти гуногун пешбинӣ шуда бошад, иҷрои он ба 230 иншоот расидааст. Яъне ноҳия ба нишондиҳандаи 109 дарсад ноил гардидааст.

Ин натиҷа на танҳо аз ҷиҳати оморӣ, балки аз нигоҳи таъсири иҷтимоӣ муҳим аст, зеро ҳар иншооти нав - хоҳ мактаб бошад, хоҳ бунгоҳи тиббӣ, роҳ ё корхона - ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии сокинон мусоидат мекунад.

### САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ДАСТГИРИИ ДАВЛАТ

Рушди минтақаҳо дар сиёсати иҷтимоиву иқтисодии кишвар мавқеи муҳим дорад. Дар солҳои Истиқлол таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи ободонии шаҳру ноҳияҳо, рушди инфрасохтор, бунёди муассисаҳои иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир мешавад.

Ташаббусҳои созандагӣ бахшида ба ҷашнҳои миллӣ низ ба як омили муҳими сафарбар намудани имкониятҳои маҳаллӣ табдил ёфтаанд. Дар ин раванд дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллӣ, соҳибкорон ва аҳолӣ имкон медиҳад, ки тарҳҳои муҳим амалӣ ва мушкилоти иҷтимоӣ тадриҷан ҳал карда шаванд.

Натиҷаҳои ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ низ нишон медиҳанд, ки сиёсати ободонию созандагӣ дар сатҳи маҳаллӣ бо амалҳои мушаххас идома дорад.

### РОҲҲО - РАГҲОИ ИҚТИСОДИ НОҲИЯ

Яке аз муҳимтарин самтҳои ободонӣ дар ноҳия таъмиру таҷдиди роҳҳои мошингард мебошад.

То имрӯз 22 километр роҳи мошингард пурра мумфарш карда шудааст. Ҳамзамон таҷдиду навсозии роҳҳо идома дорад. Инчунин дар маҷмӯъ 6,2 километр роҳрав сафолакпӯш гардидааст.

Роҳсозӣ танҳо масъалаи зебоии маҳал нест. Роҳи босифат ҳаракати нақлиётро осон, дастрасии сокинонро ба мактаб, беморхона, бозор ва дигар муассисаҳо беҳтар карда, ба фаъолияти соҳибкорӣ ва интиқоли маҳсулоти кишоварзиву саноатӣ низ мусоидат менамояд.

Аз ин рӯ, ҳар километр роҳи мумфаршшуда барои ноҳия ҳам аҳаммияти иҷтимоӣ ва ҳам иқтисодӣ дорад.

### ТАНДУРУСТӢ: ШАРОИТИ БЕҲТАР БАРОИ ҲИФЗИ САЛОМАТӢ

Солҳои охир дар самти тандурустии ноҳия низ корҳои назаррас анҷом дода шудаанд.

Соли 2025 аз ҳисоби шахсони саховатпеша ва соҳибкорон шуъбаи қабул ва Маркази ёрии таъҷилии тиббӣ бо 10 утоқи корӣ сохта ба истифода дода шуд. Бунёди чунин иншоот барои беҳтар намудани қабули беморон ва расонидани ёрии саривақтии тиббӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Ҳамзамон сохтмони 4 бунгоҳи тиббӣ идома дошта, тибқи нақша онҳо рӯзҳои наздик ба истифода дода мешаванд.

Ин мисол бозгӯи он аст, ки дар баробари маблағгузорӣ ва сиёсати давлатӣ, саҳми соҳибкорони маҳаллӣ ва шахсони саховатпеша низ дар пешрафти соҳаи иҷтимоӣ назаррас мебошад. Ҳамкории давлат ва ҷомеа метавонад барои ҳалли масъалаҳои маҳаллӣ имкониятҳои нав фароҳам орад.

### МАОРИФ - САРМОЯГУЗОРӢ БА ОЯНДА

Афзоиши аҳолӣ ва шумораи хонандагон зарурати бунёди синфхонаҳои навро ба миён меорад. Дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ барои ҳалли ин масъала корҳои васеъ чараён доранд.

Дар назди 19 муассисаи таълимӣ сохтмони беш аз 130 синфхонаи иловагӣ идома дорад. Пас аз анҷоми сохтмон барои 2 ҳазору 976 хонанда ҷойи нишасти иловагӣ муҳайё мешавад.

Ин рақам барои соҳаи маорифи ноҳия аҳаммияти калон дорад. Фароҳам овардани ҷойи кофӣ барои хонандагон метавонад ба беҳтар шудани шароити таълим, кам гардидани сарбории муассисаҳо ва ташкили беҳтари раванди дарс мусоидат кунад.

Дар баробари ин, рушди таҳсилоти томактабӣ низ аз мадди назар дур нест. Бунёди 3 муассисаи томактабӣ пешбинӣ шудааст. Айни замон сохтмони ду кӯдакистон бомаром идома дошта, рӯзҳои наздик ба истифода дода мешаванд. Оғози сохтмони кӯдакистони сеюм низ барои рӯзҳои наздик ба нақша гирифта шудааст.

Яъне таваҷҷуҳ на танҳо ба мактаб, балки ба марҳалаи аввали тарбияи кӯдак низ равона шудааст.

### 28 ИНШООТИ ДИГАР ТО МОҲИ СЕНТЯБР

Корҳои созандагӣ дар ноҳия ба анҷом нарасидаанд. Тибқи маълумоти мавҷуда, то моҳи сентябри соли равон боз 28 иншооти дигар сохта ҳоҳанд шуд.

Айни замон корҳои сохтмонӣ дар иншооти пешбинишуда бомаром идома доранд. Ба истифода додани онҳо метавонад нишондиҳандаи умумии бунёдкориро боз ҳам боло барад.

Муҳим он аст, ки созандагӣ дар ноҳия шакли маъракавии кӯтоҳмуддат надошта, ҳамчун як раванди пайваста идома дорад. Ҷашни Истиқлол дар чунин шароит на танҳо санаи таърихӣ, балки фурсати ҷамъбасти корҳои анҷомшуда ва оғози нақшаҳои нав мегардад.

### САНОАТ - ПОЯИ НАВИ ИҚТИСОДИ МАҲАЛЛӢ

Дар доираи Панҷсолаи рушди саноат дар ноҳия низ иқдомҳои мушаххас амалӣ шудаанд.

Аз ҷумла, 1 корхонаи коркарди пахта, 2 корхонаи мурғпарварӣ бо иқтидори умумии 50 ҳазор сар мурғ ва 8 корхонаи гуногуни саноатию истеҳсолӣ сохта шудаанд.

Таъсиси корхонаҳо барои ноҳияи кишоварзӣ аҳаммияти махсус дорад. Зеро коркарди маҳсулот дар худи минтақа метавонад арзиши иловагӣ ба вуҷуд оварда, барои таъсиси ҷойҳои корӣ ва зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолӣ замина фароҳам созад.

Хусусан, корхонаи коркарди пахта метавонад занҷираи «истеҳсол - коркард»-ро тақвият диҳад. Корхонаҳои мурғпарварӣ бошанд, дар таъмини бозор бо маҳсулоти ватанӣ ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ нақш дошта метавонанд.

### НОҲИЯИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ДАР МАСИРИ ФАРДО

Дастовардҳое, ки ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ дар остонаи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ба даст овардааст, аз тағйироти назаррас дар чанд самти муҳим дарак медиҳанд: роҳсозӣ, тандурустӣ, маориф, таҳсилоти томактабӣ, саноат ва ободонии маҳал.

230 иншоот ба ҷойи 211 иншооти нақшавӣ, 22 километр роҳи мумфарш, 6,2 километр роҳрави сафолакпӯш, беш аз 130 синфхонаи нав барои қариб 3 ҳазор хонанда, бунгоҳҳои тиббӣ, кӯдакистонҳо ва корхонаҳои истеҳсолӣ - ҳар кадоми ин рақамҳо дар паси худ тағйири воқеии муҳити зиндагии мардумро доранд.

35 соли Истиқлол барои ноҳия марҳалаи аз нав сохтани инфрасохтор ва фароҳам овардани имкониятҳои нав гардид. Дар заминаи сиёсати созандаи давлат, дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таваҷҷуҳи Пешвои миллат ба рушди минтақаҳо, имрӯз масъулияти асосӣ аз он иборат аст, ки ин раванд идома ёфта, ҳар иншооти нав ба беҳтар шудани рӯзгори мардум, таъсиси ҷойҳои корӣ ва рушди устувори ноҳия хизмат намояд.

Ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатиро бо дастовардҳое истиқбол мегирад, ки чеҳраи ноҳияро дигар намуда, барои марҳалаи нави пешрафт замина мегузоранд.

**Машраби АЛОВИДДИН**



# БАРДОШТУ ТААССУРОТ АЗ ЁДДОШТУ ХОТИРОТ

*Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА, президенти АМИТ, академик*

**(Идома аз шумораи гузашта)**

Ба ин лаҳн, дар бораи устодони мактаби олӣ (манзур муаллимони Донишгоҳи омӯзгории Кӯлоб) дар бахшҳои “Кас аз модари хеш доно назод” (дар бораи Ёралӣ Содиқов - С. 403-413), “Ба дониш равонро тавонгар кунед (дар бораи Рустам Ҷӯраев - С. 388-399), “Ба дониш бувад мардро обрӯй” (дар бораи Изатулло Тамлихоев- С. 378), “Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ” (дар бораи Қаюм Сангов - С. 378-388), “Чунон дон, ки нодонтарӣ дар замон” (дар бораи Мусо Диноршоев - С. 45-455), “Дилро ба дил раҳест дар ин гунбади сипеҳр” (дар бораи муаллими номдори фанни таърих Гадойназар Бегаков - С. 456-460) бо эҳтироми маҳз гуфтугӯ мекунад ва мушаххасоти ахлоқӣ, ҳувиятӣ, фикрӣ, илмӣ, эҷодӣ, маданӣ ва иҷтимоии ҳар яке аз устодони матраҳи замонро бо мисолҳои вежа баён месозад.

Зимнан, нависанда соли гузашта дар бораи як зумра устодони забардасти замон, ки дар рушди маънавии муаллиф саҳми асосӣ доштаанд, дар матбуоти даврии ватанӣ матолиби ҷолиби омӯзанда интишор дода буд, ки вокунишҳои сазовори зиёиёни гӯшаву канори мамлакатро ба бор овард.

Дар қисмати якуми “Ёддоштҳо” ҳам масъалаи мазкурро дар қолиби хотироти ширину рангини айёми мактабӣ ба донишҷӯйӣ дунбол карда, бахшҳои дар боло зикршударо ба ин мавзуи калидӣ ихтисос додааст.

**Ҳабдаҳум**. Симо, урфу одат, ахлоқ, шарофату маънавиёт, меҳру муҳаббат ва самимияту латофати падару модар, ки азизтарин азизон дар зиндагии ҳар нафаре ва аз ҷумла нависанда мебошанд, дар қисми якуми “Ёддоштҳо” мавриди тасвири махсус қарор гирифтааст.

Шахсияти волидайнро нависанда на аз сари алоқамандии ирсию сириштӣ, балки аз роҳи муҳаббати самимию беараз ба онҳо мавриди тасвир қарор медиҳад.

Падар, дар фаҳмиши С. Ятимов, арзиши ниҳоят баланд дорад ва бо такя ба таҷрибаи зиндагӣ ва саргузашти рӯзгори тифлию наврасӣ ӯро ба унвони як шахсияти одии заҳматкашида, ҳамчунон меҳнатдӯсту меҳнатқарин, серталабу ростқавл, соҳибмаърифату донишманд, фасоҳатгуфтору балоатсолор, пуркору накукор, дасткушоду саирапарвар, аюру далер, ватанпарасту намунаи хонадон ба тасвир баркашидааст. “Ба ақидаи ӯ (манзур падари С. Ятимов - Қ.Х.), инсон набояд тақдирпараст бошад. Ба ризқу рӯзӣ умед бандад. Марди ҳақиқӣ ба ақлу фаросат, имконоти ҷисмӣ ва руҳиву равонии худаш такя мекунад” (Ҳамон ҷо, саҳ. 108).

Нависанда дар банди “Омӯхтани таҷрибаи халқҳои пешқадам” (С. 106) дар бораи сатҳи маърифат ва маънавиёти падараш ҳарф мезанад ва таъкид месозад, ки ӯ китобҳои зиёди классикони адабиёти тоҷик, русиву аврупоиро мутолаа мекард. Ва аз забони Садриддин Айнӣ, Аҳмади Донишро аз доҳиёни адабиёти тоҷик мешумурд. Ҳаёту фаъолияти ӯро аз сарчашмаҳои гуногун, маҳз аз китоби ӯ “Наводир-ул-вақоеъ” пайваста мурур мекард.

Ҳангоми хондан дар синфи чаҳорум, падар ба писараш китоби Даниэл Дефо “Робинзон Крузо”-ро барои мутолаа ва ибрози бардоштҳо медиҳад (Ҳамон ҷо, саҳ. 106-107). Дар ин маврид дидгоҳи падари муаллиф нисбати нақши ҷовидонаи шоирону нависандагон олимон ҳамчун вассофони руҳ ва орзуву ормони миллӣ, тарибгарони зиракиву ҳушмандӣ, посдорони руҳи миллӣ ҷолиби таваҷҷуҳи ҳар хонанда аст.

Ҳамчунин, нависанда ба устод Айнӣ ихлос доштани падарро дар чанд ҷойи қисмати аввали китоб ёдовар мешавад. Дар банди “Пояндаӣ, ту, дар дили мо то задани дил” менависад, ки “Бузургтарин намунаи пайравӣ ба шахсияте, ки дар ташаккули ман ҳамчун инсон муассир буд, падарам ва муҳити оилавии мо буд” (Ҳамон ҷо, саҳ. 56).

Ба қавли муаллиф, “Падарам Садриддин Айниро эҳёгар ва офарандаи миллати тоҷик дар таърихи навини Аҷамиён мешумурд. Чунин ҳисоб мекард, ки мо то ҳанӯз ба қадри ин шахсияти бузурги аҳли башар нарасидаем... Айниро марди ҳақиқӣ, намаксипос, ҳақшинос, руинтан, ва қаҳрамони ҳама давру замон мешумурд” (Ҳамон ҷо, саҳ. 60). Нависанда менигорад, ки падар барои исботи андешаҳои худ дар мавриди хондани китоб, боло рафтани сатҳи ҷаҳонбинӣ ва хушахлоқу баинсоф шудан аз устод Айнӣ мисол зада, тавассути мутолаи китоби “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш ба тайироти фикрӣ расидани нависандаи бузурги тоҷикро гӯшзад мекунад ва ҳамин тарик, дар зиндагӣ пешгому пешкори миллат шудани ӯро бо далелҳо собит месозад (Ҳамон ҷо, саҳ. 112).

Дар банди “Агар ҷон ҳамехоҳӣ афрӯхтан” (С.133) падарро ба унвони “қоидасолор”, яъне қоидагарову қонунписанд ёд мекунад. Вақте мехоҳад синни ҳафтро пур накарда бо ҳар роҳе, ки бошад ба орзуи мактабравии худ расад, аз ягона пуштибон ва амгусори худ модараш имдод мепурсад ва руҷуъ мекунад, ақаллан, “ӯ ...сози ноҷури дили падари қоидасолорамро ба шавқи пардаҳои ноҷури ман мувофиқ созад” (Ҳамон ҷо, саҳ. 134).

Таъкид, асосан, сари нукоти ҷолибу омӯзанда ва ҳадафнокеанд, ки муаллиф аз падар ёд гирифта, дар зиндагии минбаъдааш мавриди истифода қарор додааст.

Ба тазаккуроти илмии падари нависанда, ки як умр муаллимӣ карда, тарики дасту бозу, меҳнати шабонарӯзӣ ва заҳмати омӯзгорӣ нони ҳалол хӯрдаву, ҳамзамон, умри азизи худро бо худомӯзӣ гузаронида, бо чашми хирад ба корҳо нигаристааст, диққат медиҳем: “Одам соҳиби як занҷири сарбастаи асаб ва хотирмонӣ аст. Он аз панҷ қисм иборат мебошад: дидан, шунидан, чашидан, бӯйидан, ламс кардан, ки дар муносибати пайвастагӣ, ҳамбастагӣ ва вобастагӣ қарор доранд. Доимо якдигарро даст мегиранд. Вақте инсон дар ҳаракат аст, гардиши хун ҳам фаъол мешавад. Ва ин ҳолат ба вазъи ёддошт ва аз бар намудани матни хоизи аҳаммият мусоидат мекунад” (Ҳамон ҷо, саҳ. 151).

Нависанда модарро, ки мунису амхори азалию абадиаш будааст, зиёд дӯст медорад ва ёд гирифтани “Алифбо” ва хонда тавонистанро аз заҳматҳои бевоситаи ӯ иртибот медиҳад. Дар банди “Ҳастии ман зи ҳастии ӯст” (С. 138) аз забони модар, ки хушхату хушсавод будааст, насиҳати ҷолиберо меоварад, ки якумрӣ дар зеҳни муаллиф нақш бастааст: “Одамизод дар зиндагиаш, ҳатто дар хобаш ҳам фикр мекунад. Фикр кардан гоҳо аз кор кардан ҳам муҳимтар аст“ (Ҳамон ҷо, саҳ. 142).

Ҳамчунин, дар банди “Диле ҳамдарду ёре маслиҳатбин” (С. 150) баъди дар синни шашсолагӣ бо “Алифбо”-и кӯҳнаву дарбеҳкардааш аз соати аввал “бо тантана” аз синф ронда мешавад, қадам ба қадам хондану навиштанро аз модари худ, меомӯзад, ёд мекунад. Ва дар хошияи аввалин шеъри азёдкардааш – “Модар”-и Эраҷ Мирзо менависад: “Барои ман ин порчаи назмӣ бузургтар аз ҳама қиссаву достонҳо буд. Ҳолати руҳиву равонии ҳамонлаҳзаи маро бештар ифода мекард. Ақаллан, ба хотири он ки гӯё дониста дар бораи модари муштипар, ба ном хонашин, воқеан, ниҳоят азиятдида, дар зиндагӣ серкор, устоди ҳақиқӣ ва муаллими аввалини субҳи донистанҳои ман навишта шуда бошад” (Ҳамон ҷо, саҳ. 155).

Дар бастагӣ бо амхориҳои модар, нависанда аз модарбузургаш Бибифотима бо назокати махсуси эҷодӣ, санъатҳои бадеӣ ва таваҷҷуҳи волои ҳунарӣ ёд мекунад. Дар банди “Ҳаргизам нақши ту аз лавҳи дилу ҷон наравад” (С. 112-124) дар бораи кампири Фотима қисса карда, бавежа, лаҳзаҳои амангезеро аз зиндагиву рӯзгори ӯ, ки пас аз марги писараш дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар хонаи духтараш зиндагӣ мекард, тафсир менамояд.

Дар тасвири вазъи руҳию равонии Бибифотима, ки аз ин фоҷиаи бузург дарун-дарун месӯхт, нависанда муваффақ шудааст. Таваҷҷуҳ мекунем ба лаҳзае аз тасвири вазъи руҳию равонии Бибифотима: “Ман фаҳмидам, ки кампир ҳоло ҳам ба худ наомадааст. Мехоҳад танҳо бошад, бо фикру хаёли худ бошад, ами худро аз тангнои хона ба домани саҳро кашад... (Ҳамон ҷо, саҳ. 121).

**Ҳаждаҳум**. Корбасти масалу мақолҳои мардумӣ барои тасдиқи фикр ва муассирии баён аз ҷониби нависанда дар ҳар ҷойи матн муносиби мақсаду ҳадаф ва бамавқеъ корбаст шудаанд, ки аз сатҳи баланди мақолдонию масалзании нависанда гувоҳӣ медиҳанд. Аз сӯйи дигар, истифодаи бамавриди масалу мақолҳои мардумӣ баёнгари онанд, ки нависанда фолклор ва эҷодиёти шифоҳӣ ва таҷрибаи эҷодкории халқиро хуб медонад ва мақолҳои мардумиро ба сифати далелу арқоми нишонраси рӯзгори инсонӣ пазируфта, дар мавориди зарурӣ аз онҳо ба унвони мадраки аз таҷрибаи зиндагӣ бадастомада васеъ истифода мебарад. Масалан, “Баъди кавсан ҳафт авранг гуфтаанд” (Ҳамон ҷо, саҳ. 64). Дар ҷойи дигар ва пойинтар идома медиҳад: “Дӯст дӯст, ҳисоб раҳи рост” (Ҳамон ҷо, саҳ. 64). Пойинтар, ҳангоми ба субут расонидани авлавияти тарбиятӣ аз забони персонажҳо мақоли мардумии “Гови хуб лозим нест, гов аз зоти хуб лозим аст” (Ҳамон ҷо, саҳ. 65)-ро бамаврид корбаст мекунад.

Нависанда дар бораи аъмоли неку писандидаи падар сухан гуфта, маҳорати бадеҳатан масалзании ӯро ишора менамояд: “Агар ороиши дарстархон маъқул шавад, бо қаноатмандӣ ба дастархон нигоҳ карда мегуфт: “Кор кун уломон барин, Биҳӯр мирон барин” (Ҳамон ҷо, саҳ. 91).

Дар оози банди “Сухан к-он аз сари андеша ояд” аз масалдонӣ ва ҳозирҷавобии падар ёд оварда мегӯяд: “Дар омади гап, падарам як зарбулмасалдони эътирофшудаи деҳа буд... Кӯтоҳсухан буд. Мантиқӣ ҳарф мезад” (Ҳамон ҷо, саҳ. 91). Дар ҳолати зарурӣ, муносиби ҳол истифода намудани масалу мақол аз вежагиҳои шахсияти падараш буда, аз забони ӯ ин тавр нақли қавл мекунад: “Аз гургак шарикиву аз рӯбаҳак тоқагӣ” (Ҳамон ҷо, саҳ. 92). Дар мавриди дигар, мақоли “Маъқул шавад, ташвиш ба андозаи арзиш” (Ҳамон ҷо, саҳ. 63)-ро дар мавқеъ барои исботи арзишмандии молу коло аз забони персонажҳои ёддошт корбаст мекунад.

Дар мавриди баъдӣ, барои исботи мавқеъ ва иҷрои танбеҳ аз номи падар иддаои зеринро дар чаҳорчӯби мақоли мардумӣ хеле бамаврид истифода мекунад: “Э мардак, авлоди ту худоиро тӯй мегӯяду тозиро кӯй (яъне авлодат худоиро аз тӯй фарқ намекунаду саги шикориро аз гӯсфанд)” (Ҳамон ҷо, саҳ. 93). Дар мавқеи дигар: “Ҳо, Бурихон! Чаро аз пеши мо сар ҳам карда мегузарӣ ва мегурезӣ, ҳадди ақал “Ҳо бале! Ҳам намегӯӣ?!! “Вақти шодӣ ба майдону вақти ҷанг ба каҳдон”, ҳа?!!! Канӣ тез омада белро бигиру бо мо бош! (Ҳамон ҷо, саҳ. 94). Боз аз забони падар мисол меорад, ки ба фарзандон насиҳат мекард. “Бо мардуми нокор ошно нашавед. Онҳо мебинанд, ки шумоҳо ҳамагӣ дар корҳои хона банд ҳастед, худашон ба шумо наздик намешаванд. Яъне, “Назди деги ҷӯшидаистода пашша давр намезанад” (Ҳамон ҷо, саҳ. 96). Нависанда таъкид мекунад, яке аз масалҳое, ки аз падараш шунидааст, ин будааст: “Эҳтиёт бошед ва ба назар бигиред, ки “Изо ҳам қарз асту иззат ҳам” (Ҳамон ҷо, саҳ. 101).

**Нуздаҳум**. Ҳақиқати таърихӣ ва таҳрифи таърих аз ҷумлаи масъалаҳое ҳастанд, ки нависанда дар ҳар ду қисми “Ёддоштҳо” сари он ҷиддӣ таваҷҷуҳ намудааст.

Аз баёни воқеияти таърихӣ ва ҳақиқати таърих мардум ва ҷомеа ба самту сӯйи дуруст ҳаракат карда метавонанд ва агар ҳақиқати таърихӣ таҳриф шавад ва яктарафабинӣ сари ҳаводиси таърихӣ сурат бигирад, ҳатман бухронҳоеро дар фаҳмишу дарк ба вуҷуд меоварад.

Дар банди “Адлу инсоф, на куфру на дин” (С. 101) аз мисраи машҳури Мавлоно Ҷомӣ, ки дар “Баҳористон” тазаккур ёфтааст, истифода намуда, нависанда ба масъалаи таърих ва тафсири дурусти он, ҳамчунин масъалаи таҳрифи таърих мепардозад ва давраи ҳаракати босмачигариро, ки мутаассифона, даҳсолаҳои ахир дар фазои бо ном “илмию адабию маданӣ”-и мо баҳсҳои печидаеро ба дунбол доштаву дорад, иҷмолан тафсир менамояд.

**(Давомаш дар саҳ. 13)**



# ҚАЛАМКАШЕ, КИ СОЗАНДАГИРО ТАБЛИҒ МЕКУНАД

**ДАР МИЁНИ ҶОМЕАИ ЖУРНАЛИСТИИ ТОҶИКИСТОН РӮЗНОМАНИГОРИ ВАРЗИДА САЙФИДДИН СУННАТӢ НА ТАНҲО БО НАВИШТАҲОИ ХУД, БАЛКИ БО ФУРӮТАНИВУ ХИСЛАТҲОИ НАҶИБИ ИНСОНӢ МАЪРУФИЯТ ДОРАД. САЙФИДДИН СУННАТӢ БА МАЙДОНИ ЖУРНАЛИСТИКА АЗ СОЛҲОИ 80 ВОРИД ШУДА БОШАД ҲАМ, АММО ДАР НАВИШТАВУ МАҚОЛАҲОИ БАЪД АЗ СОЛҲОИ 90-УМ БА ИН ТАРАФ ТАҲЛИЛУ АНДЕШАҲОИ СОЗАНДА, ТАКЛИФУ ПЕШНИҲОДҲОИ ҶОЛИБРО МЕТАВОН МУШОҲИДА НАМУД.**

Бо мақолаҳои ҷолибу созандааш дар якчанд озмуни милливу байналмилалӣ иштирок намуда, соҳиби ҷойҳои аввал гардидааст. Аз ҷумла, барои мақолаи беҳтарин дар номинатсияи "Идоракунии устувори ҷангал", мақолаи беҳтарин дар озмуни "СММ-Занон" («ООН-женщины») барои силсиламаводҳо дар мавзуи пешгирии зӯроварии хонаводагӣ ва таблиғи арзишҳои оилавӣ бағирифтани ҷойи аввал мушарраф гаштааст.

Мақолаҳое, ки аз солҳои 90-ум то ин давра таҳия кардааст, бештар соҳаи иқтисодиёт, ҳифзи муҳити зист ва саломатиро дар бар мегиранд. Аз ҷумла, "Замин муҳтоҷи ёрист" ("Илм ва ҳаёт"), "Кишвари офтобӣ" - дар бораи Тоҷикистон ҳамчун бузургтарин манбаи энергияи тоза, "Офтоб хонаҳоро гарму чароғон мекунад", "Битум. Чаро истеҳсоли худиро таҳким набахшем?", "Тило" аз барги дарахту буттаҳо", "Топинамбур захираи нави энергетики Тоҷикистон. Ё чаро вақти ба роҳ мондани истеҳсоли биоэтанол расидааст?" ("Ҷумҳурият"), "Офтоб - энергияи тоза ва тамомнашаванда" ва ғ.

Қобили зикр аст, ки Суннатӣ Сайфиддин ҳанӯз солҳои 90-ум дар бораи электромобил, истифодаи нерӯи офтоб ва манфиати панелҳои офтобӣ дар саҳифаҳои нашрияи "Чархи гардун", баъдан дар солҳои 2005-ум дар рӯзномаҳои "Ҷавонони Тоҷикистон" ва "Минбари халқ" мақолаҳои хонданбобу ҷолиб ба нашр расонида буд.

Хусусияти дигари фаъолияти ӯ дар он аст, ки танҳо ба навиштан қонеъ намешавад. Ӯ худ яке аз мубаллиғони фаъоли истифодаи таҷҳизоти офтобӣ буда, дар амал низ татбиқи ин ғояҳоро ҷонибдорӣ мекунад. Барои ӯ рӯзноманигорӣ танҳо касб нест, балки василаи тарғиби дониш, рушди ҷомеа ва ҳалли масъалаҳои муҳими кишвар мебошад.

Вақте Сайфиддин Суннатӣ дар бомпӯши манзили истиқоматиаш ба хотири раҳоӣ аз мушкилоти бебарқӣ панелҳои офтобиро насб намуд, аксар ҳамсояҳо бехабар ҳангоми бебарқӣ дар зимистон дар ҳайрат шуданд, ки барқ аз куҷо бошад? Ӯ ҳамеша дар ҷустуҷӯи дониш аст, шахси сермутолиа аст, менависад ва ба корҳои хайр машғул мешавад.

Баъди хондани мақолаҳо доир ба манфиати таҷҳизоти офтобӣ ва бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ шумораи хоҳишмандони панелҳои офтобӣ дар деҳа афзуд ва акнун мардум манфиати панелҳои офтобиро худ мушоҳида намуданд.

Сайфиддин Суннатӣ ҳамчун шахси ватандӯсту миллатдӯст бо донистани якчанд забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забонҳои урду, арабӣ, туркӣ, русӣ ва ӯзбекӣ дар таблиғу ташвиқи сулҳу дӯстӣ саҳми калон дорад. Айни замон ӯ вазифаи ҷамъиятӣ - роҳбарии Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон ва Покистонро низ бар дӯш дорад. Ҳамчун роҳбари Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон ва Покистон, Сайфиддин дар ташкили чорабиниҳои дипломатии фарҳангӣ ва таълимӣ, аз ҷумла ҷашни рӯзҳои шеъри миллӣ ва тақвияти робитаҳо байни донишгоҳҳои ду кишвар фаъолона иштирок мекунад. Дар таблиғи анъанаҳои неки тоҷикон миёни дигар халқиятҳо Суннатӣ С. низ ҳиссаи арзанда дорад.

18-уми августи соли 2026 Сайфиддин Суннатӣ ба синни муборакӣ 60 қадам мегузорад. Ин сана танҳо ҷашни зодрӯз нест, балки ҷашни фаъолияти пурмаҳсул, садоқат ба касб ва хизмати содиқона ба матбуоти миллӣ мебошад.

Шастсолагӣ барои чунин шахсият на нуқтаи ҷамъбаст, балки оғози марҳилаи нави эҷод аст. Имрӯз ҳам қалами ӯ мисли пештара серҳаракат буда, ба масъалаҳои муҳимтарини ҷомеа рӯ меорад ва хонандаро ба андешидан водор месозад.

Ба муносибати ин ҷашни фархунда ба устоди арҷманд Сайфиддин Суннатӣ пеш аз ҳама саломатии бардавом, умри дароз, илҳоми тоза ва қалами ҳамеша бурро таманно дорем.

**Ҷамолиддин ЯЪҚУБӢ,**
**номзади илмҳои филологӣ, устоди ДМТ**



## АФСОНАҲОИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ЭРОН

**Бори нахуст маҷмӯаи афсонаҳои халқи тоҷик бо хати форсӣ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон таҳти унвони «Афсуни афсонаҳо» ба нашр расид. Ин рӯйдод қадами муҳим дар муарифии мероси ғании шифоҳии тоҷикон ба хонандагони форсизабон маҳсуб мешавад ва барои таҳкими робитаҳои фарҳангии Тоҷикистону Эрон аҳаммияти хос дорад.**

Маҷмӯа аз ҷониби муҳаққиқон Зебо Алихонӣ (Эрон) ва Насимбек Курбонзода (Тоҷикистон) таҳия гардида, аз ҷониби интишороти Муассисаи пажӯҳишии Таърихи адабиёти кӯдакон дар ду ҷилд ба табъ расидааст.

Асоси ин нашрро китоби маъруфи фолклоршиноси тоҷик, устод Раҷаб Амонов «Афсонаҳои халқи тоҷик» ташкил медиҳад. Аз 121 афсонае, ки дар ин китоб гирдоварӣ шудааст, 120 афсона барои нашри форсӣ интихоб гардидааст. Ин афсонаҳо намунаҳои арзишманди эҷодиёти шифоҳии мардум буда, мавзуҳои некиву ростқавлӣ, адолат, меҳнатдӯстӣ, далерӣ, дӯстӣ ва пирӯзии некӣ бар бадиро дар бар мегиранд.

## Толеънома


*Ҳамал*
*21.03 - 20.04*

Агар вақтҳои охир муносибататон бо шахси дӯстдоштаноором бошад, каме танҳо мондан бароятон фоидаовар хоҳад буд. Дар оила эҳтимоли нофаҳмӣ вуҷуд дорад, вале суҳбати орому самимӣ метавонад вазъро беҳтар созад.


*Саратон*
*22.06 - 23.07*

Дар ин ҳафта рӯҳияи ошиқона шуморо фаро мегирад ва эҳтимол шахси ҷолибе ба шумо таваҷҷуҳ зоҳир кунад. Барои рушди касбӣ вақти муносиб аст, аз ин рӯ дониш ва малакаҳои худро такмил диҳед.


*Мизон*
*25.09 - 22.10*

Ситораҳо аз эҳтимоли ишқи пурэҳсос хабар медиҳанд, вале ин муносибат метавонад кӯтоҳмуддат бошад. Суҳбати самимӣ ба шумо кумак мекунад, ки нофаҳмиҳои кӯҳнаро бартараф созед.


*Ҷаддӣ*
*22.12 - 20.11*

Давоми ҳафта эҳтимол бо шахси наздик баҳси кӯтоҳе сар занад, вале агар эҳсосоти худро идора кунед, ҳама чиз зуд ҳал хоҳад шуд. Барои шумо муҳити хона беҳтарин ҷойи оромиш мегардад.


*Савр*
*21.04 - 21.05*

Шумо ва шахси дӯстдоштаатон аз ҳам фарқ мекунед, вале маҳз ҳамин гуногунӣ муносибататонро ҷолибтар мегардонад. Дар оила фазои орому гарми ҳамдигарфаҳмӣ ҳукмфармо хоҳад шуд.


*Асад*
*23.07 - 22.08*

Дар ин ҳафта ҳам шиносоии шавқовар ва ҳам оғози муносибати ҷиддӣ имконпазир аст. Агар хоҳед муҳаббататон пойдор бошад, ба эҳсосоти шахси дӯстдошта бештар аҳаммият диҳед.


*Ақраб*
*23.10 - 22.11*

Давоми ҳафта дар муносибат бо шахси дӯстдошта эҳтимоли нофаҳмӣ вуҷуд дорад, бинобар ин, беҳтараш аз баҳсҳои ҳассос худдорӣ кунед. Ба наздикон меҳрубонии бештар нишон диҳед.


*Далв*
*21.01 - 19.02*

Аввали ҳафта имконият пайдо мешавад, ки ба муносибатҳои ошиқона гармӣ ва тароватӣ тоза бахшед. Аммо ба ҳар сухани дӯст ё хешованд зуд бовар накунед. Шояд вазифае пеш ояд, ки қаблан онро ғайриимкон меҳисобидед, вале шумо аз уҳдаи он ба хубӣ мебароед.


*Ҷавзо*
*22.05 - 21.06*

Аввали ҳафта эҳтимол шахсе, ки муддати дароз ба шумо таваҷҷуҳ дошт, худро бештар нишон диҳад. Аммо ин ошноӣ шояд ба муносибати ҷиддӣ табдил наёбад. Сарфакор бошед ва аз харидани чизҳои нолозим худдорӣ кунед.


*Сунбула*
*23.08 - 22.09*

Муносибате, ки кайҳо гармии пешинаро аз даст додааст, метавонад ба анҷом расад. Ҳафта барои раҳо шудан аз фикру ташвишҳо мувофиқ аст. Муносибат бо дӯстон беҳтар шуда, кинаҳои гузашта фаромӯш мешаванд.


*Қавс*
*25.11 - 21.12*

Дар ин ҳафта дӯстдоштаатон каме рашк мекунад ва ин ҳолат шуморо ҳайрон месозад. Беҳтараш бо оромӣ ва фаҳмиш муносибат намоед. Дар муошират бо хешовандон сабру таҳаммулро нигоҳ доред ва аз ҷойҳои серғавғо дур бошед.


*Ҳут*
*20.02 - 20.03*

Дар ин ҳафта эҳсосоти худро эҷодкорона баён кунед, ин муносибататонро бо шахси дӯстдошта мустаҳкам месозад. Кӯшиш намоед миёни оила ва кор тавозунро нигоҳ доред. Гаштугузор дар ҳавои тоза рӯҳиятатонро беҳтар мекунад.

# БАРДОШТУ ТААССУРОТ АЗ ЁДДОШТУ ХОТИРОТ

**(Аввалаш дар саҳ. 11)**

Дар ин миён, аз ҳаракати босмачигарӣ ҳамчун ҷунбиши зиддимиллию зиддимардумӣ ва оратгароёнаву раҳзанона ёдовар шуда, дар шарҳу тавзеҳи ҳаводиси замонӣ (манзур солҳои бисту му сиюму навадум аст) бар ҳақиқати таърихӣ ва қиёси мантиқӣ такя карда, менависад: "...зарур аст, ки таърих ончунон тафсир шавад, ки ҳақиқат таҳриф нагардад... Аз рӯйи инсоф эътироф бояд кард, ки то замони инқилоб, мардумони Осиёи Марказӣ дар шароити нимуломӣ ва нимфеодалӣ умр ба сар мебурданд. Ва босмачиён ҷонибдори шикасти давлати миллии тоҷикон ва барқарор кардани режиме буданд, ки устод Садриддин Айнӣ ва миллионҳои дигар шоҳиди зиндаи он "хонаи бедоду ситам" ва "маҳкамаи ҷабр" буданд (Ҳамон ҷо, саҳ. 102).

Табиист, ки нависанда ба сифати донишманд, муаррих, давлатшинос, сиёсатмадор ва файласуф наметавонад ба ҳаводиси таърихӣ бетаваҷҷуҳӣ намояд ва силсилавоқеоти давру замону марҳилаҳои таърихиро, ки дар маҷмуъ, гузаштаи як халқу миллатро ташкил медиҳанд, аз рӯйи эҳсос яктарафа баҳогузорӣ кунад. Баръакс, кулли ҳаводиси гузашта ва аз ҷумла масири зиндагии миллиро дар имтидоди асри бист бар мабнои равиши илмӣ ва методи муқоисавию таърихӣ арзёбӣ намуда, алайҳи таҳрифгарони таърихи ватанӣ қад алам мекунад ва мӯйро аз хамир ҷудо месозад. Аз ин ҷост, ки мутолааи китоб ва матолиби С. Ятимов, минҷумла "Ёддоштҳо"-и ӯ ҳамагӣ хонданбоб, ҷолиб ва далелманду боварибахшанд.

**Бистум**. Ба ин тартиб, қисми якуми "Ёддоштҳо" мунтахаби лаҳазоти саргузашти нависандаи миллӣ С. Ятимовро тайи фосилаи муайяни замонӣ, яъне аз нимаи дуюми солҳои панҷоҳум то ибтидои солҳои ҳаштодуми садаи бист, ҳудуди бисту панҷ – сӣ солро фаро мегиранд. Дунболаи ҳаводиси мунтахаб дар қисми дуюми "Ёддоштҳо" бозтоб ёфта, тафсир ва арзёбӣ гардидаанд.

Мутолааи қисми якуми "Ёддоштҳо" моро ба хулоса меоварад:

а) нависанда, тавре ки дар муқаддима иброз медорад, фурсати сарҷамъ кардани бардоштҳо ва он чӣ ки аз сар гузаштааст (С. 3-4)-ро animat шумурда, дар доираи рисолати касбӣ, масъулияти фардӣ, имконоти эҷодӣ, зарфияти илмӣ ва тавонмандии фикрӣ таъсиргузортарин лаҳазоти умрашро дар қолиби жанри ёддоштӣ рӯйи коаз овардааст;

б) бо овардан ва бозтобу тафсир додани воқеоту ҳаводиси ҷолиби зиндагӣ, нависанда саргузашти як насло бо кулли муваффақияту камбудиҳо, комёбию нокомиҳо, камию костиҳо, ҳамвору ноҳамвориҳо дар мисоли умрфарсоии шахсӣ баён дошта, дар ин кор ҳадди инсофро риоят карда, чизе аз худ иловаю зам нанамудааст;

в) нависанда дар тавзеҳу тафсири ҳар як воқеаву ҳодиса равиши илмӣ ва усули муқоисавиро истифода намудааст, то чойе ки ҳатто дар бозтоби лаҳазоти санъату фарҳангу зебоишиносӣ ва тасвири маънавиёту вазъи руҳу равони фард ва ҷомеа низ аз равишшиносии илмӣ ва принсипу мабонии фалсафӣ фосилагирӣ накардааст;

г) сабки эҷодӣ, шеваи образофаринӣ ва тарзи нигориши адабии нависанда аз равиши илмӣ ва усули таҳқиқии ӯ ҷудо нест, балки дар таъвамии мундариҷавист. Ин мушаххасаи фикрию эҷодӣ аз оғоз то ба анҷоми "Ёддоштҳо" идома пайдо мекунад ва ин навъи нигориш на танҳо хастагии хонандаро ҳини мутолаа ба вуҷуд намеоварад, балки матнро ҷолибу таваҷҷуҳбарангез месозад.

ғ) услуб ва принсипҳои эҷодии нависанда дар доираи асли ҳои монанди ҳувиятмеҳварӣ, хирадбоварӣ, донишбунёдӣ, ақлдоварӣ, воқеънигорӣ, миллатсозӣ, инсонпарварӣ ва давлатмадорӣ чархида, куллияи ҳаводису вақеоти "Ёддоштҳо" дар ҳамин доира гардиш меҳӯранд.

Дуруст кардани ин гуна чархаи муназзами фикрӣ ва ба истилоҳ, усул ва салиқаи сиёсию эҷодӣ бо асли ҳои бунёдӣ ба равиши рӯзмарраи зиндагии нависандаи сиёсатшиносу сиёсатмадор табдил ёфтааст;

д) муҳим ва калидӣ будани тарбияи хонаводагӣ ва муҳити иҷтимоӣ дар ибтидои қисми якуми "Ёддоштҳо" бо мисолҳои мушаххас аз зиндагии хонаводагӣ ва фазои маънавии музофотӣ ҷанбаи қавии тарбиятию ҳувиятии асарро таъмин сохтааст (С. 56-66);

е) нависанда қиссаи зиндагиро аз деҳаи худ – Ориён оғоз мекунад (С. 5) ва дар ин оғозу ифтитоҳ рози миллатдӯстию ватанпарастии адиб ниҳон аст.

Бидуни таассуби миллию нажодӣ ва бар асоси меҳру ихлоси ватандорию миллатдӯстӣ, аз Ориён ва ориёниён ба унвони мардуми бумию сарбаланду сарафрозу гарданкашу қаҳрамон ёд ва ифтихор мекунад (С. 7-20). Бар илова, садоқату ихлосаш ба нажоди ориёӣ ва миллияти тоҷикӣ то ба ҳадде усулию принсипиалист, ки ҳатто дар тасвири баъзе қаҳрамонону персонажҳои асар, махсусан, зимни қиёфанигорӣ, портретофаринӣ ва тасвири сурату сирати иштироқдорони драмаи зиндагӣ аз симои ориёӣ ва сифати чеҳраи холису нобии миллӣ ёдоварӣ мекунад;

ё) "Китоб", "Модар", "Ватан", "Миллат", "Давлат", "Манфиатҳои миллӣ" ба сифати мафҳумҳои асосию калидӣ дар асар тазаккур ёфтаанд ва ҳар пешрафту тараққиёту таҳаввулоте, ки дар олам иттифоқ афтодааст, ба сабаби ҳамгиройии мантиқии асли ҳои мазкур будааст. Ин нуктаи меҳвариро дар хурду кулли бардошту арзёбиҳои нависанда мушоҳида кардан мумкин аст;

ж) нависанда мақсади нияти болои ҳам чидани вожагону таркиботу калимот ва аз ин тариқ оростану перостани кохи хотироти инфиродиашро ҳаргиз надошта, сарҳадафи дигаре чун донишандӯзию хирадварзии фардию ҷамъӣ, тарбияи миллию дунявии насли наврасу ҷавони ҷомеаи тоҷикӣ ва ба бо чашми ибрат нигаристан ба ҳаводиси мусибатбор ва бади рӯзгорро пайгирӣ намудааст. Ин сарҳадаф, ки аз виҷдон ва масъулияти фардии нависанда бармеояд, кохи ёддошту хотироти ӯро муҷалло ва бузургу шукӯҳманд ҷилва медиҳад.

Ба ин маъно, "Ёддоштҳо", пеш аз ҳама, садои виҷдон ва нидои масъулияти нависанда аст;

з) "Ёддоштҳо" ба доираи васеи хонандагон, махсусан насли наврасу ҷавони ҷомеа тавсия шудааст.

Фаҳму дарк кардан, донистан, ташхис додан, аз фосилаи умр сабақ гирифтан, аз рухдоди зиндагию рӯзгор дарс омӯхтану таҷриба андӯхтан, савобу гуноҳро ҷудо намудан, шинохтан, баду некро фарқ кардан, хирад варзидан, сахткӯш будан, талош кардан, ватандӯст будан, бетарафию саҳлангорӣ накардан, бешарафу беҳувият набудан, бегонапарастиро канор задан, худбохтагиро маҳор кардан, аз хурофадовариҳо дур шудан, худогоҳу худшинос будан ва билохира худсозу миллатшиносу давлатмеҳвар буданро нависанда меъёри кори иҷтимоию сиёсию фикрию эҷодию маданию давлатию нависандагӣ дониста, афроди ҷомеаро ба ин самту сӯ ва корзори ҳақиқӣ фаро меҳонад.

Ин аст, ки барои расидан ба аҳдофи миллӣ ва фатҳи қуллаи мурод хатман бояд "Ёддоштҳо"-и профессор С. Ятимовро хонд, дар ойинаи ҳаводиси гузаштаву имрӯза худу миллатро бидиду шинохт, воқеотро дурусту мантиқӣ таҳлил кард, мунсифона қазоват намуд ва хулосаҳои зарурӣ баровард.

Ва мунтаҳо, ҳадафи нависанда аз навиштани ёддошту хотирот ҳам ҳамин аст.

Тавре омӯзиш, таҳлил, арзёбӣ ва хулосабарорӣ гардид, "Ёддоштҳо"-и Саймумин Ятимов аз лиҳози масъалагузорӣ, маъниофаринӣ, аҳаммияти хотирмони адабӣ-бадеӣ, бадеӣ- таърихӣ, бадеӣ-сиёсӣ, бадеӣ-илмӣ, бадеӣ-эстетикӣ, бадеӣ-педагогӣ, илмӣ-методологӣ, бадеӣ-публитсистӣ, ки ҳар кадом метавонанд як мавзӯи таҳқиқоти илмиро дар доираи ин таълифот ташкил кунанд, дар ҳаёти адабии замони истиқлол, дар маҷмуъ, падидаи нав мебошад.

Аз ин лиҳоз, андешае тамоюл ба афзалият дорад, ки ин асар давра ба давра дастрасии умум ва ҷойгоҳи шоиста пайдо ва таъиноти аслии худ – тарғиби илм, ҷаҳонбинии илмӣ, маърифат, хислатҳои волои инсонӣ ва ватанпарастиро, ки ба ҳамин хотир муаллифи он солҳо заҳмат кашидааст, адо мекунад. Ва аз эҳтимол дур нест, ки дар натиҷаи омӯзиши тахассусмандонаи пажӯҳишгоҳҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии мамлакат, махсусан муаллифони китобҳои дарсӣ барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз мухтавои ин "Ёддоштҳо" мавзӯъву мароми мақсадноку таъинотӣ пайдо ва дар таълифоти худ истифода намоянд.

Аз лиҳози дигар, ба андешаи мо "Ёддоштҳо"-и профессор Саймумин Ятимов, ба манзалате кӯшиши дастрасӣ дорад, ки сарфи назар аз иродаи муаллиф, мавзӯъ ва мухтавои он дер ё зуд "овоза" ва он ба забонҳои хориҷӣ тарҷума мешавад. Мутмаин ҳастем, чунин рӯйдод, бидуни шак, боиси ифтихори адабиёти муосири тоҷик хоҳад буд.

Дар ҳама ҳолат, вақт довари замон аст.

**Бознашр аз рӯзномаи «Ҷумҳурият», №139, №140 аз 16-17.07.2026**

## МАВЛУДНОМА

### 13 АВГУСТ

**Холбегими Давлат** (1966), 60-солагии зодрӯзи шоир.

**Тухлибой Қӯзибоев** (1931-1980), 95-солагии зодрӯзи доктори илми геологӣ.

### 14 АВГУСТ

**Насруллои Асадулло** (1951-1994), 75-солагии зодрӯзи нависанда.

**Абдураҳим Мадаминов** (1936), 90-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисод.

### 15 АВГУСТ

**Бурҳон Раҷабов** (1936-2011), 90-солагии зодрӯзи актёри театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Мулло Усмонов** (1936), 90-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Раҷаб Ҳусейнов** (1941), 85-солагии зодрӯзи актёри театру кино, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Абдулғанӣ Эшонҷонов** (1911-1984), 115-солагии зодрӯзи забоншинос.

### 16 АВГУСТ

**Александр Осипов** (1906-1988), 120-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Абдуллоҷон Бобоҷонов** (1931), 95-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

### 17 АВГУСТ

**Темур Зулфиқоров** (1936), 90-солагии зодрӯзи нависандаи руснигори тоҷик.

**Николай Рижаков** (1931), 95-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

### 18 АВГУСТ

**Александр Загелман** (1931), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Асрор Одинаев** (1956), 70-солагии зодрӯзи файласуф.

### 19 АВГУСТ

**Ҳабибулло Абдуллоев** (1946), 80-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Саида Ғаниева** (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Миркарим Холматов** (1896-1984), 130-солагии зодрӯзи актёр ва коргардони театр.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

PRESSA.TJ

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
(+992) 93 111 08 87

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Иқтибос аз санади шаҳодатдиҳии ХДТТИ, силсилаи ТТИ №005299, ба номи Иброҳимова Ҳалима Назриевна, ки санаи 10.02.2010 аз ҷониби ВТЭК дода шудааст, аз сабаби кӯҳна шуданаш беэътибор дониста шавад.

Қарори №6073 оид ба қонунигардонии дороиҳои комиссия оид ба қонунигардонии дороиҳо дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии н. Синои ш. Душанбе аз санаи 24.12.2024 ба номи Мирзоева Зулфия Салиховна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Испечак 243, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 9, Т-АТА №1284195, ба номи Шарипов Давлатали Нуралиевич, ки соли 2021 аз ҷониби МТМУ №17-и н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Иқтибос аз варақаи бақайдгирӣ, №115733, аз 29.02.2024, ба номи Аминова Меҳринисо Арифовна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Ғ. Мирзо, хонаи 71, ки аз ҷониби КДФ "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" дар ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 9, №1382567, ба номи Ҷумаев Муродҷон, ки соли 2022 аз ҷониби МТМУ №66-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 11, Т-АТУХ №0000389, ба номи Давлатов Сиёвуш Зарифбекович, ки аз ҷониби МДТ "Мактаби байналмилалӣ дар ш. Душанбе" аз санаи 26.08.2024 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Замимаи дипломи ДТО №0293610, рақами қайд №1143, ба номи Ҳайдарқулов Фузайил Зоҳирҷонович, ки санаи 30.07.2025 аз ҷониби ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дипломи ЧТ №0089888 ба номи Наимзода Хусрав Шароф, ки соли 2016 аз ҷониби Литсейи касбии политехникии ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дафтари ҳавлӣ ва шиносномаи техникӣ ба номи Редичкина Татьяна Алексеевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Ҳуснобод, бинои 8, ҳ. 4, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатнома дар бораи қонунигардонии дороиҳо, №0086167, ки аз 24.12.2024 ба номи Мирзоева Зулфия Салиховна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Испечак 243 аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 9, Т-ШТА №0410121, ба номи Платонов Сергей Игоревич, ки соли 2009 аз ҷониби МТМУ №21-и н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дипломи ЧТ №006107 ба номи Назаров Насим Каримдодович, ки соли 2004 аз Литсейи информатика ва техникаи ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дипломи ЭВ №835635, рақами қайд №232, ба номи Мурчаева Фируза Сафаровна, ки соли 1997 аз ҷониби Донишкадаи давлатии забонҳо ба номи С. Улуғзода дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи хариду фурӯши қисми хонаи истиқоматӣ тахти феҳристи №1Ш-61, аз санаи 19.05.2010, ба номи Нигматова Умеда Исматуллоевна, бо суроғаи н. Варзоб, ҷамоати Чорбоғ, к/к Чағатай, литри 2.1, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии н. Варзоб ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №182, ба номи Ибодова Умеда Исматуллоевна, бо суроғаи н. Варзоб, ҷамоати Чорбоғ, уч. Чағатай, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Парвандаи танзими замин оид ба вобаста намудани қитъаи замини наздиҳавлигии шаҳрванди н. Варзоб, ҷам. деҳоти Чағатай, ба номи Ибодова Умеда, майдони 0,04 га, аз санаи 29.09.2015, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ба номи Зокирова Қумриой Охоновна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Зафар, хонаи 390, аз санаи 30.05.2022, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

ҶДММ "Иртибот ТҶ", №0266484, РЯМ: 0210021607, РМА: 020045232, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

Кооперативи тиҷоратии "Юсуфзода Н", РМА: 330001154, РЯМ: 3310003483, ки онро Нозироти андоз дар н. Ҷ. Балхӣ додадаст, барҳам мехӯрад.

ҶДММ "Кабири Босир", РМА: 330015051, РЯМ: 3310011036, ки онро Нозироти андоз дар н. Ҷ. Балхӣ додааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶДММ "БОВАРИИ БОНУ", РМА: 120039945, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶДММ "Дилосо", РЯМ: 0910009449, РМА: 090015559, ки аз 07.02.2019 дар Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисор ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

**ФАВРАН! ҶЕВОНҲО, МИЗУ КУРСИҲО, ГАРНИТУРИ ХОБ ВА ОШХОНА, ЯХДОН, КОНДИТСИОНЕРҲО.**
**ТЕЛ. 909-99-17-40, 985-15-31-19, 985-71-28-99, 008-33-32-94**

## ШАХСИ ҲУҚУҚӢ

Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар шаҳри Душанбе мошини сабукрави тамғаи TOYOTA HIGHLANDER-ро (рақами VIN: 5TDFARAH8MS008026, соли барориш: 2021, рангаш: хокистарӣ) тавассути музояда ба фурӯш мегузорад. Хоҳишмандон метавонанд аз таърихи 13.08.2026 то 20.08.2026 ба Сафорати Эрон муроҷиат намоянд. Телефон барои тамос: 91-111-01-91

## МЕФУРӮШАМ

1-хуҷрагӣ, қабати 4, бинои 4-ошёна, таъмири миёна, 550 000 сомонӣ. Тел.: 918-61-51-00

2-хуҷрагӣ, 50 м.м., қабати 7, бинои 12-ошёнаи навсохт, бо таъмир ва тамоми шароитҳояш, 9 мкр., дом 14 (заводи алюминий), рӯ ба рӯйи боғ. Тел.: 75-933-11-55, 98-855-25-29

## КОР МЕҶӮЯМ

Рӯбучини босифат. Тел.: 001-33-80-33

Рӯбучин ва хизматгори хона барои хориҷиён. Тел.: 001-33-80-33

Рӯбучини подъездҳо дар биноҳои навсохт. Тел.: 931-47-17-13

Рӯбучин, зарфшӯӣ дар тӯю маъракаҳо. Тел.: 905-33-22-29

## ТАЪМИРИ ТЕХНИКАИ РӮЗГОР

Таъмири яхдон бо кафолат. Тел.: 919-03-07-78, 934-65-89-54

## ГУНОГУН

Газовик. Тел.: 988-61-10-57

## МЕХАРАМ

Яхдону кондитсионер, мошинаи ҷомашӯӣ, мебели истифодашуда мехарам. Тел.: 785-36-79-79, 900-88-12-07

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳан, коғаз, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯӣ, мошинаҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳан, коғаз, танга, нишон, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯӣ, мошинаҳои дарздӯзӣ, қолин, кондитсионерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Флягҳо, курпачаҳо, қолинҳо, медалҳо, нишонҳо, асбобу анҷом, зарфҳо, дегҳо, тангаҳо, мошинаҳои дарздӯзӣ, баллонҳои газӣ, таҷҳизоти давраи шуравӣ, ҳайкалчаҳо, оҳан, коғаз мехарам. Тел.: 988-33-73-61, 905-98-77-88

# ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ ДАР ВКД

(Аввалаш дар саҳ. 2)

*- полковники милитсия* **Ҳайдарзода Сухроб Насруддин** *ба вазифаи сардори Шуъбаи ВКД дар шаҳри Ҳисор;*

*-* **подполковники милитсия Ривоҷзода Каримҷон Сайнабӣ** *ба вазифаи сардори Шуъбаи ВКД дар шаҳри Бохтари в. Хатлон;*

*- подполковники милитсия Асадзода Фирдавс Анвар ба вазифаи сардори ШВКД №2 дар ноҳияи Б. Ғафурови вилояти Суғд;*

*- полковники милитсия* **Хайруллозода Муҳриддин Хайрулло** *ба вазифаи сардори ШВКД оид ба хизматрасонии деҳоти «Навобод»-и минтақа ва ноҳияи Рашт;*

*- подполковники милитсия* **Ҷолизода Рушон Шоалӣ** *ба вазифаи сардори ШВКД дар ноҳияи Мурғоб;*

*- полковники милитсия* **Ҳомидзода Ғолибҷон Хоҷамурод** *ба вазифаи сардори ШВКД дар ноҳияи Ишкошими ВМКБ;*

*- подполковники милитсия* **Тағойзода Ҷамшед Хол** *ба вазифаи сардори Шуъбаи ВКД дар ноҳияи Балҷувон;*

*- подполковники милитсия* **Қодирзода Фирӯз** *ба вазифаи сардори ШВКД дар ноҳияи Ш. Шоҳин* таъин гардиданд.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

# САРМУРАББИИ «ИСТИҚЛОЛ» КОРТИ СУРХ ГИРИФТ, ДАСТА БА ЗИНАИ ЯКУМ БАРГАШТ

**Дар Чемпионати Тоҷикистон-2026 як бозии марҳилаи аввал, ки мавқуф гузошта шуда буд, баргузор гардид. «Истиқлол» ва КМВА дар доираи воҳӯрии даври 10-ум бо ҳам бозӣ карданд.**

Бозӣ барои ҳарду даста аҳаммияти бузург дошт. Ба «Истиқлол» пас аз мағлуб шудан аз «Регар» ТадАЗ дар даври 13-ум барои дубора пешсаф шудан пирӯзӣ лозим буд. КМВА талош дошт, ки аз сегонаи аввал қафо намонад. Дар ин бозӣ «Истиқлол» бо ҳисоби 3:1 ғалаба ба даст овард. Аммо бартарии ҳисоб маънои онро надошт, ки бозӣ барои мизбонон осон буд.



Дар нимаи дуюми бозӣ сармураббии «Истиқлол» Виталий Левченко корти сурх гирифт ва аз майдон хориҷ шуд. Се ҳол ба душанбегиҳо имкон дод, ки боз ба садри ҷадвал бароянд. Баъди 13 бозии анҷомшуда «Истиқлол» ҳоло 28 имтиёз дорад. «Регар-ТадАЗ» ва «Ҳосилот» ҳар кадом 27-той имтиёз доранд. Аммо ин ҷо як нозукии муҳим ҳаст: «Регар-ТадАЗ» як бозӣ камтар кардааст.

Ва худи даври баъдӣ метавонад ҳама чизро дигар кунад. 14-уми август «Ҳосилот» дар сафар бо «Сардор» бозӣ мекунад. Пас аз як рӯз КМВА дар майдони худ бо «Вахш» ва «Истаравшан» бо «Хуҷанд» бозӣ мекунанд.

Аммо бозиҳои асосӣ рӯзи 16-уми август баргузор мешаванд. “Равшан” дар Кӯлоб бо “Истиқлол” ва “Регар-ТадАЗ” дар майдони худ бо “Парвоз” вомехӯранд. Агар дастаи Турсунзода ғалаба кунаду «Истиқлол» дар бозӣ бо «Равшан» имтиёз аз даст диҳад, шояд пешсафи чемпионат боз иваз шавад.

БОКС

# 8 НИШОНИ ТИЛОИ МУШТЗАНҲОИ ТОҶИК ДАР ҶОМИ РАИСИ ВИЛОЯТИ СУҒД

**Дар Хуҷанд мусобиқаи кушодаи байналмилалии бокс барои Ҷоми раиси вилояти Суғд баргузор шуд, ки ба 35-умин солгарди Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда буд.**

Дар мусобиқа муштзанҳо аз Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Миср ширкат карданд. Дар даҳ вазн мардон ва дар ду вазн занон рақобат карданд. Муштзанҳои тоҷик натиҷаҳои хуб ба даст оварданд. Намояндагони Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 12 нишони тило хашттоашро соҳиб шуда, дар маҷмӯъ 33 ҷоизаи асосиро ба даст оварданд.




Ҳамин тариқ, мизбонон дар вазнҳои 57 ва 60 кг барои занон ва дар вазнҳои 50, 55, 60, 70, 80 ва беш аз 90 кг барои мардон нишони тило ба даст оварданд. Қазоқистон дар вазнҳои 65 ва 90 кг ду нишони тилоро ба даст овард ва Ӯзбекистон дар вазнҳои 75 ва 85 кг ду нишони тилоро соҳиб шуд.

КУШТӢ

# СЕ НИШОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ ЯК МУСОБИҚАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Дастаи мунтахаби куштии озоди Тоҷикистон дар мусобиқаи байналмилалӣ бо иштироки намояндагони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Чин ширкат кард ва се паҳлавони тоҷик дар вазнҳои худ ғолиб омаданд.**

Абдулмаҷид Кудиев дар вазни 65 кг ва Магомед Евлоев дар вазни 86 кг нишонҳои тило ба даст оварданд. Айал Белолюбский, ки дар вазни 57 кг рақобат мекунад, нишони биринҷиро соҳиб шуд.

Қобили зикр аст, ки ҳар се медали Тоҷикистонро легионерҳо, варзишгароне, ки дар мактабҳои куштии озоди Русия машқ карда, баъдан барои Тоҷикистон рақобат карданро сар карданд, ба даст оварданд.




Аз ин се нафар Абдулмаҷид Кудиев аллакай натиҷаҳои назаррасро дар арсаи ҷаҳонӣ ба даст овардааст. Зодаи Доғистон, дар Чемпионати Русия дар соли 2021 нишони биринҷӣ ба даст овард. Аз соли 2023 Кудиев Тоҷикистонро намояндагӣ мекунад. Бузургтарин муваффақияти ӯ соли 2024 ба даст омад. Дар Чемпионати ҷаҳон дар вазнҳои ғайриолимпӣ дар Тирана Кудиев дар вазни 70 кг нишони биринҷӣ ба даст овард.

Як тилои дигарро Магомед Евлоев овард. Ӯ зодаи Ингушетия буда, қаблан Русияро намояндагӣ мекард. Дар сатҳи ҷавонон Евлоев дар Чемпионати Русия байни то 23-солаҳо нишони нуқра ба даст овард, аммо дар охири соли 2022 тасмим гирифт, ки фаъолияти байналмилалии худро таҳти парчами Тоҷикистон идома диҳад.

Айаал Белолюбский дар вазни 57 кг ба Тоҷикистон нишони биринҷӣ овард. Ӯ намояндаи мактаби машҳури куштии озоди Якутск аст. Белолюбский дар Чемпионати Русия байни ҷавонон нишони биринҷӣ дорад, ки баъдтар ба намояндагии Тоҷикистон шуруъ кард.

РЕЗААХБОР



Мубин Эргашев, мутахассиси маъруфи футболи тоҷик, ки муҷаввизи олии мураббигии UEFA Pro дорад, сармураббии дастаи футболи “Ҳосилот”-и Фарҳор шуд. Эргашев ягона мутахассиси тоҷик аст, ки муҷаввизи UEFA Pro-ро дорад. Ӯ 53 сол дошта, дар гузашта сармураббии дастаи ҷавонон, олимпӣ ва мунтахаби Тоҷикистон, ҳамчунин дастаҳои “Истиқлол”-у “Баркчӣ” низ буд.

***

Пас аз анҷоми бозиҳои ҷавобии марҳилаи чорякниҳоии Ҷоми футболи Тоҷикистон-2026 ҳамаи иштирокчиёни марҳилаи ниманиҳоӣ муайян шуданд. Дар даври ниманиҳоӣ «Равшан» бо «Хуҷанд» ва «Эсхата» бо «Сардор» бозӣ мекунанд. Рақобатҳои даври ниманиҳоӣ аз ду бозӣ иборатанд. Дастаҳое, ки аз рӯйи натиҷаи ду воҳӯрӣ пирӯз мешаванд, ба даври ниҳоӣ роҳ меёбанд.

***

Ҳимоятгари дастаи мунтахаби футболи Ӯзбекистон, ки дар Ҷоми ҷаҳонии соли 2026 бо бозии хуб худашро муаррифӣ карда буд, аз дастаи «Сурхон» ба клуби «Лугано» аз Суис пайваст. Ин созишнома то соли 2031 эътибор дорад. «Лугано» се маротиба чемпиони Суис (Швейтсария) шудааст.

***

Азиз Ҳайдаров, размикори тоҷик бори дигар дар саҳнаи Амрико аз худ дарак дод. Ӯ дар CFFC 158 бо қарори якдилонаи доварон бар Блейн Ричардси амрикоӣ пирӯз шуд ва рекорди касбии худро то 22 пирӯзӣ ба хафт бохт бехтар кард. Ҳайдаров қариб 30 муҳорибаи касбӣ анҷом додааст ва дар Чину Русия баромад кардааст, дар мусобиқаҳои Road to UFC ва инак дар амрикоӣ ширкат кардааст.




## ҚАРЗ

Марде бо мақсади қарзгирӣ назди дӯсташ омада, суханро аз дур оғоз мекунад:

- Як замоне шудааст, ки марди асил ёфтан душвор аст. Дирӯз аз Даврони дӯстамон 100 сомонӣ қарз пурсидам, вале бузи лаънатӣ пул надорам гуфт.

Дӯсташ мақсади мардро дарк намуда мегӯяд:

- Гӯш кун, дарҳол туро огоҳ кардан меҳоҳам, ки ман ҳам буз ҳастам.

Оҳанрабо

Духтарак, мухбири ҷавоне, ки ба гӯшу бинияш се ҳалқагӣ овехтааст, дар кӯча ба марде савол медиҳад:

- Ба андешаи шумо занро чӣ тавр ба худ ҷалб кардан мумкин аст?

Мард дар ҷавоб мегӯяд:

- Дигар занҳоро намедонам, вале шуморо бо оҳанрабо (магнит) ҷалб кардан осон аст!

## ПУЛ

Зираке гуфт:
Пул мисли кислород аст:
Аз камаш нафасгир мешавӣ.
Аз зиёдаш сар чарх мезанад...

## КИТОБХОНӢ

Се рафиқ якҷо нишаста суҳбат мекарданд.

Якумӣ гуфт:

- Зани ман ҳангоми ҳомила буданаш китоби "Ду капитан"-ро хонд. Бовар мекунед, ду писари кори калон таваллуд кард.

Дуюмӣ гуфт:

- Зани ман ҳам дар вақти ҳомила буданаш китоби "Се мушкатёр"-ро мехонд. Се писар таваллуд кард.

Рафиқи сеюм ранги рӯяш парида, худро бад ҳис кард.

- Об, ба ман об диҳед,- гуфт ӯ ба дӯстонаш.

Онҳо даррав ба ӯ об дода, сабаби ин ҳолаташро пурсиданд. Ӯ бо рангу рӯйи парида гуфт:

- Зани ман дар моҳи нуҳуми ҳомилагӣ аст ва китоби "Алибобо ва чил роҳзан"-ро хонда истодааст...

## БЕ ИНТЕРНЕТ

- Бобо, шумо пеш бе интернет чӣ хел зиндагӣ мекардед?

- Эҳҳ, писарам, мо пеш дар кӯча, шахсан рӯ ба рӯ истода ҳамдигарро носазо мегуфтем...

## КИТОБ

- Ба наздикӣ ман як китоберо хондам. Муаллифаш кӣ буд? Эҳҳ, номи муаллифаш аз ёдам рафтааст. Хайр, ин муҳим нест. Муҳим он аст, ки чунон китоби нағз ки... Дар бораи... Ҳмм, мундариҷаашро ҳам бо номаш дар ёдам намондааст...

- Ман ҳам ба қарибӣ ҳамин китобро хонда будам...

**Хайрулло БАСРИДДИНОВ**

## НАВ

Модар тифлаки хурдсолашро ором мекунад. Духтарчаи панҷсолааш мегӯяд:

- Оча, ҷаро додарам гиря дорад?

Модар дар ҷавоб:

- Намедонам, шояд ягон ҷояш дард мекарда бошад.

Духтарча бо ҳайрат:

- Куҷояш метавонад дард кунад? Охир ҳама ҷояш нав аст ку!

## БӮСА

Зан ба шавҳар:

- Мардак, ҳамсояро дидӣ, ҳар субҳ пеш аз корравӣ занашро бӯса мекунад. Ту ҷаро чунин намекунӣ?

Шавҳар:

- Занак, девонаӣ? О ман зани ӯро ҳатто намешиносам!

## ҶАВОНӢ

Хушдоман ба домод аз гузаштаи худ нақл мекунад:

- Дар ҷавониам беақлу зудбовару безебак будам...

Домод:

- Шумо тамоман тағйир наёфтаед, хола!

## ВАФОТ

Дар дармонгоҳ марде ба шуъбаи қайд омада, мегӯяд:

- Духтарак, маро ба терапевт номнавис кунед!

Духтарак:

- Ман шуморо ба қайд гирифтам, баъди як ҳафта биёед.

Мард:

- Рафту ман вафот кунам чӣ?

Духтар:

- Дар ин сурат бигзор занатон ба мо занг зада, хабардор кунад.

## МУҲАҚҚИҚ

- Шумо ба чӣ кор машғулед?
- Муҳаққиқ ҳастам.
- Чиро таҳқиқ мекунед?
- Мушкилоти молиявиро.

## ГӮСФАНД

Раис бо меҳмонҳояш ба офис даромада, ба котиба мегӯяд:

- Ба ман чой, ба ин се гӯсфанд қаҳва омода кун...

Яке аз меҳмонон мегӯяд:

- Ба ду гӯсфанд ман тарҷумонам...

## ГАПИ МАХФӢ

Зане ба ҳамсояаш мегӯяд:

- Гулбаҳорҷон, як гапро бояд ба шумо гӯям. Шумо медонед, ки шавҳаратон аз қафои духтарон медавад?

Гулбаҳор мегӯяд:

- Гӯш кунед, ҳамсоя! Саги мо ҳам аз қафои мошинҳо медавад, вале ин маънои онро надорад, ки мошинро дарёб карда, паси чанбарак менишинад!

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## Сканворд

